АРТИШИ МИЛЛӢ – ТАҶАССУМИ САДОҚАТ БА ДАВЛАТУ МИЛЛАТ сах. 11

БОРБАД ЧЕҲРАИ ТОБНОКИ ФАРҲАНГИ ХАЛҚИ ТОҶИК сах. 12

ТАРБИЯИ КАСБОМӮЗӢ ВА ГИРОМИДОШТИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ВА МЕРОСИ НИЁГОН сах. 14



ДОНИШ ТАЛАБУ БУЗУРГӢОМӮЗ!

# ОМӮЗГОРИ ҷавон

Оғози нашр 1 сентябри соли 1957

№02 (1092) 28 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2026

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ


## ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ КИШВАР АЗ ИДОРАИ НАШРИЯИ «ОМӮЗГОРИ ҶАВОН»-И ДОНИШГОҲ ДИДАН НАМУД

**Рӯзи 21.02.2026 Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Саидзода Раҳим Ҳамро аз идораи нашрияи «Омӯзгори ҷавон»-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ боздид ба амал оварда, бо шароити корӣ ва фаъолияти эҷодии ҳайати таҳририя аз наздик шинос гардид.**



Зимни ташриф ба вазир нусхаҳои навбатии нашрия пешниҳод гардида, фаъолияти рӯзнома, мазмуну муҳтавои маводҳо ва нақши он дар инъикоси ҳаёти таълимӣ, илмӣ ва фарҳангии донишгоҳ муаррифӣ карда шуд. Зикр гардид, ки «Омӯзгори ҷавон» ҳамчун минбари иттилоотии донишгоҳ дар тарғиби арзишҳои миллӣ, дастовардҳои илмӣ ва фаъолиятҳои омӯзгорону донишҷӯён саҳми назаррас дорад.

Вазири маориф ва илм бо кормандони нашрия суҳбат анҷом дода, ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани сатҳи касбии маводҳо, риояи меъёрҳои забони давлатӣ ва истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ тавсияҳои муфид ироа намуд.

Таъкид гардид, ки рушди матбуоти соҳавӣ ва донишгоҳӣ барои таҳкими фазои иттилоотии миллӣ ва баланд бардоштани маърифати ҷомеа аҳаммияти муҳим дорад.

Роҳбарияти донишгоҳ барои таваҷҷуҳ ва дастгирии пайваста изҳори сипос намуда, омодагии худро ҷиҳати густариши фаъолият ва такмили сифати нашрия баён кард.

### ҲАМОИШ

**ТАҶЛИЛИ БОШУКӮҲИ РӮЗИ АРТИШИ МИЛЛӢ ДАР ДОНИШГОҲ**



2

### ЭЪТИРОФИ ҶАҲОНӢ

**ДДОТ СОҲИБИ АККРЕДИТАТСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАРОИ 89 ИХТИСОС МЕБОШАД**



4

### КОНФЕРЕНСИЯ

**«МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ФИЛОЛОГИЯИ МУОСИР: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО»**



4

ҲАМОИШ

# ТАҶЛИЛИ БОШУКӮҲИ РӮЗИ АРТИШИ МИЛЛӢ ДАР ДОНИШГОҲ



***Рӯзи 20.02.2026 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки аҳли раёсат, кормандон, омӯзгорон ва меҳмонон чорабинии фарҳангӣ бахшида ба Рӯзи Артиши миллӣ баргузор гардид.***

Ҳадаф аз баргузории ҳамоиши мазкур арҷгузорӣ ба хизматҳои содиқонаи ҳомиёни Ватан ва тарғиби арзишҳои ватандӯстӣ миёни кормандону омӯзгорон мебошад.

Ректори Донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода зимни сухани табрикотии худ қайд намуд, ки таъсис ва таҳкими Артиши миллӣ яке аз дастовардҳои муҳими даврони истиқлолият маҳсуб ёфта, нақши он дар ҳифзи амният, субот ва тамомияти арзии кишвар назаррас мебошад. Ҳамзамон, мавсуф саҳми хизматчиёни ҳарбиро дар ҳифзи дастовардҳои давлатӣ ва таъмини зиндагии осоиштаи шаҳрвандон баланд арзёбӣ намуд.

Дар идомаи чорабинӣ як қатор кормандон барои фаъолияти пурсамар ва саҳми арзанда дар рушди фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ бо "Сипоснома"-и Донишгоҳ қадрдонӣ гардиданд.

Ҳамчунин, аз ҷониби занони омӯзгори Донишгоҳ барномаи рангини фарҳангӣ манзури ҳозирин гардонида шуд. Нақшофариниҳои саҳнавӣ, қироати шеърҳо ва иҷрои сурудҳои ватандӯстона ба чорабинӣ шукуҳу шаҳомати хоса бахшида, боиси болида гардидани рӯҳияи иштирокчиён шуданд.

Инчунин, ба чорабинии идона сароояндагони маъруфи кишвар ҳусни тоза бахшида, бо иҷрои сурудҳои ватандӯстона табъи иштирокчиёнро болида намуданд.

Чорабинии идона дар фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ баргузор гардида, саҳми аҳли донишгоҳро дар таҳкими ҳисси ватандӯстӣ ва арҷгузорӣ ба ҳомиёни Ватан бори дигар таъкид намуд.



# САҲМИ ДОНИШГОҲ ДАР САБЗГАРДОНӢ ВА ОБОДОНИИ МУҲИТИ ЗИСТ

**Дар заминаи дастуру супоришҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ободонии муҳити зист, сабзгардонии маҳал ва беҳдошти вазъи экологӣ, дар боғи «Агробиолабораторӣ»-и минтақаи Ромит, тибқи дастури ректори Донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода маъракаи ниҳолшинонӣ баргузор гардид.**

Дар рафти чорабинӣ кормандон, ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯён фаъолона иштирок намуда, бо рӯҳияи баланди масъулиятшиносӣ дар корҳои сабзгардонӣ саҳми арзандаи худро гузоштанд.

Нахуст, бо ҷалби техникаи кишоварзӣ як қисмати замини ин боғ нарм карда шуда, барои шинонидани ниҳолҳои нав омода гардид. Дар натиҷа, дар майдони мазкур дарахтони мевадиҳанда, аз ҷумла ниҳолҳои себ шинонида шуданд.

Ташаббуси мазкур ба рушди муҳити сабз, зебо гардидани атроф ва баланд бардоштани маърифати экологии ҷавонон мусоидат намуда, ҳамзамон ҳамчун заминаи муҳим барои гузаронидани корҳои таҷрибавӣ дар самти агробиология хизмат менамояд.

Қобили зикр аст, ки дар рӯзҳои шанбе ва якшанбе дар ин мавзеъ беш аз 300 бех дарахти себ шинонида шуд, ки дар оянда барои беҳтар гардидани вазъи экологӣ ва ташкили заминаи мусоиди таҷрибавӣ барои донишҷӯён мусоидат хоҳад кард.

# ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ САДА ДАР ДОНИШГОҲ

**Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҷашни бостонии Сада таҷлил гардид. Дар чорабинӣ ректори Донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода, аҳли раёсат, омӯзгорон ва донишҷӯён иштирок намуданд.**

Ҷашни Сада, ки рамзи гармӣ, рӯшноӣ ва ободии замин ба ҳисоб меравад, аз қадим дар байни мардуми тоҷик бо арҷгузорӣ ба суннатҳо ва фарҳанги миллӣ таҷлил мегардад. Дар робита ба ин, дар оғози чорабинӣ гулхан афрӯхта шуд, ки рамзи умед ба фарорасии баҳор мебошад.





Намоиши ҳунарҳои мардумӣ, ки дар он хӯрокҳои миллӣ, меваю сабзавот ва маҳсули дасти ҳунармандон ба намоиш гузошта шуданд, фазои идонаро фароҳам овард. Намоиш таърихи маънои ҷашни Сада ва суннатҳои маросими онро ифода намуд.

Дар чорабинӣ таъкид шуд, ки арҷгузорӣ ба суннатҳои миллӣ ва рушди фарҳанги тоҷикӣ яке аз вазифаҳои муҳимми омӯзгорону донишҷӯён мебошад.

Дар қисмати фарҳангӣ ҳунармандони ансамбли "Чеҳранамо" бо иҷрои суруду таронаҳо фазои идона ва фароғатиро фароҳам оварданд, ки боиси писанди иштирокчиён гардид.

Иштирокчиён чорабиниро бо эҳсоси ифтихор ва шавқмандӣ тамошо намуда, барои худ ғизои маънавӣ гирифтанд.

ҲАМОИШ

# БОЗДИДИ МЕҲМОНОН АЗ ДАСТОВАРДҲОИ ИЛМӢ ВА ОСОРХОНАИ ТАЪРИХИИ ДОНИШГОҲ

***Дар ҳошияи таҷлили Рӯзи Артиши миллӣ меҳмонон ва иштирокчиёни ҳамоиш аз намоиши дастовардҳои илмӣ ва Осорхонаи таърихии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дидан намуданд.***



Зимни боздид ба меҳмонон саҳифаҳои муҳими таърихи таъсис, рушд ва такомули донишгоҳ муаррифӣ гардида, оид ба дастовардҳои илмиву таълимӣ, фаъолияти олимону устодони шинохта ва саҳми муассиса дар тарбияи кадрҳои баландихтисос маълумоти муфассал пешниҳод гардид.

Ҳамзамон, меҳмонон бо намунаҳои ҳуҷҷатҳои нодир, аксҳои таърихӣ, осори илмӣ ва дигар нигораҳои арзишманди осорхона шинос шуданд.



# ТАҶЛИЛИ 33-СОЛАГИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ ДАР ЛИТСЕЙИ НАЗДИ ДОНИШГОҲ




**20 феврали соли 2026 дар Литсейи назди Донишгоҳ чорабинии фарҳангӣ-ватандӯстона бахшида ба 33-юмин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар чорабинӣ маъмурияти литсей, раиси Шурои собиқадорони Донишгоҳ, омӯзгорон ва хонандагон иштирок намуданд. Ҳамоиш бо садо додани Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфт, ки ба чорабинӣ рӯҳияи хоса бахшид.

Зимни суханронӣ омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ Қосимов Ф. роҷеъ ба таъсис ва марҳилаҳои ташаккули Артиши миллӣ ибрози андеша намуда, нақши Қувваҳои Мусаллаҳро дар ҳифзи истиқлолият, суботи сиёсӣ ва тамомияти арзии кишвар муҳим арзёбӣ кард. Таъкид гардид, ки Артиши миллӣ яке аз поҳои асосии давлатдорӣ ба шумор рафта, ҳифзи амнияту осоиштагии ҷомеа ба зиммаи он вогузор шудааст.

Дар идомаи чорабинӣ хонандагони литсей барномаи рангини фарҳангиро манзури ҳозирин намуданд. Қироати шеърҳо дар васфи Ватан, иҷрои сурудҳои ватандӯстона ва саҳначаҳои тарбиявӣ ба ҷамъомад шукуҳу шаҳомати хоса бахшиданд. Барномаи пешниҳодгардида бо истиқболи гарми иштирокчиён рӯ ба рӯ гардида, ҳисси ифтихор ва садоқат ба Ватанро дар қалби хонандагон тақвият дод.

Чорабинии мазкур дар фазои эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва арҷгузорӣ ба хизматҳои ҳомиёни Ватан баргузор гардида, бори дигар аҳамияти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии насли наврасро таъкид намуд.



# ЧОРАБИНИИ СИЁСӢ-ТАРБИЯВИИ “ВАТАНПАРВАР” БА ИФТИХОРИ ҶАШНИ АРТИШИ МИЛЛӢ БАЙНИ ХОБГОҲҲОИ ДОНИШГОҲ

**Дар толори калони фарҳангии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар доираи дастуру супоришҳои Раёсати Донишгоҳ бо мақсади дар амал татбиқ намудани сиёсати ҷавонпарварона ва фарҳангпарвонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамзамон ҷиҳати иҷроиши нақша чорабиниҳои қисми тарбия дар ҳамабастагӣ бо Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳидаи кормандон ва донишҷӯён ба ифтихори 33-солагии таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии сиёсӣ-тарбиявӣ таҳти унвони “Ватанпарвар” дар миёни донишҷӯёни хобгоҳҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ташкил ва баргузор гардид.**

Дар ин озмун Каримзода Давлатшо сардори шуъбаи тарбия, Давлатзода Муслима мудири бахши кор бо духтарон ва бонувон, Давлатшоҳ Маҳмудов мудири бахши робита бо ҷомеа, Амиров Толиб мудири ка-



федраи сиёсатшиносӣ, кормандони қисми тарбия ва донишҷӯёни хобгоҳҳо иштирок намуданд.

Озмун бо мақсади рушди малакаи зеҳнии донишҷӯён, тарбияи онҳо дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, дӯстдоштани арзишҳои миллӣ, ҷалби ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ, таблиғи донишҷӯён дар руҳияи содиқ будан ба Ватан, арҷгузорӣ ба корнамоию ҷасорати ниёгонамон, ки дар ҳифзу ҳимояи сарзамини аҷдодиамон сина сипар намуда, дар роҳи озодии миллат ҷоннисорӣ кардаанд, гузаронида шуд.

Ғолибони озмун бо дипломҳо ва тухфаҳои хотиравии Раёсати донишгоҳ ва Кумитаи иттифоқи касаби муттаҳидаи кормандон ва донишҷӯён дар вазъияти тантанавӣ қадрдонӣ карда шуданд.

ҒОЛИБОНИ ЧОРАБИНИИ СИЁСӢ-ТАРБИЯВӢ ТАҲТИ УНВОНИ “ВАТАНПАРВАР”:

Ҷойи якум: дастаи “Фатҳовар” аз хобгоҳи №7

Ҷойи дуюм: дастаи “Оияндасозони Ватан” аз хобгоҳи №2

Ҷойи сеюм: дастаи “Зодагони истиқлол” аз хобгоҳи №6

Дар фарҷоми бахри болидахотирии ҳозирин барномаи фарҳангии саршор аз сурудҳои ватандӯстона ва ҷаззобу рақсӣ пешниҳод карда шуд, ки ба чорабинӣ ҳусни дигар зам намуд.

ЭЪТИРОФИ ҶАҲОНӢ

# ДДОТ СОҲИБИ АККРЕДИТАТСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАРОИ 89 ИХТИСОС МЕБОШАД

***Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо як дастоварди воқеан муҳиму таърихӣ мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам таҳким бахшидааст. Донишгоҳ дар соли 2024 аз ҷониби Ассотсиатсияи байналмилалии таҳсилоти Созмони ҳамкории Шанхай (ШОС) ба аккредитатсияи байналмилалии институтсионалӣ сарфароз гардид.***




Тибқи сертификати расмӣ, ин аккредитатсия барои муҳлати 5 сол дода шуда, то соли 2029 амал мекунад. Қарори мазкур дар асоси санҷиш ва арзёбии ҳамаҷонибаи фаъолияти донишгоҳ аз ҷониби Маркази хизматрасонии мубодилаи илмии байналмилалии Чин, ки зери Вазорати маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин фаъолият мекунад, қабул гардидааст.

Дар ҳуҷҷати расмӣ зикр мешавад, ки Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Мардумии Чин расман эътироф шуда, ҳамчун яке аз муассисаҳои пешсаф дар низоми таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардидааст.

Ин эътирофи сатҳи баланд гувоҳи сифати баланди таълим, фаъолияти муассири илмӣ-таҳқиқотӣ, сиёсати дурусти идоракунӣ ва рақобатпазирии донишгоҳ дар фазои ҷаҳонии маориф мебошад. Аккредитатсияи байналмилалӣ барои донишгоҳ имкониятҳои нави густариши ҳамкориҳо бо донишгоҳҳои бонуфузи хориҷӣ, татбиқи барномаҳои муштараки таълимӣ ва ҷалби бештари донишҷӯёни хориҷиро фароҳам меорад.

Ин дастоварди муҳими таърихӣ на танҳо боиси ифтихори ҳайати омӯзгорону донишҷӯён, балки далели равшани рушди босуръати таҳсилоти олии кишвар ва татбиқи самараноки сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб меёбад.

Аккредитатсияи байналмилалии институтсионалӣ фаъолияти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро ҳамчун як муассисаи таҳсилоти олӣ дар маҷмӯъ эътироф намуда, ихтисосҳои амалкунандаро дар доираи низоми байналмилалӣ тасдиқ мекунад.

Аккредитатсияи байналмилалии институтсионалӣ – ин раванди арзёбӣ ва эътирофи расмии як муассисаи таҳсилоти олӣ ҳамчун як ниҳод (институт) аз ҷониби созмон ё ниҳоди байналмилалии ваколатдор мебошад. Яъне, на як ихтисос ё барномаи алоҳида, балки тамоми донишгоҳ бо низоми идоракунӣ, таълим, илм ва инфрасохтораш арзёбӣ мешавад.

ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ – донишгоҳе бо эътирофи байналмилалӣ мебошад!

КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

# «МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ФИЛОЛОГИЯИ МУОСИР: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО»

**Рӯзи 12-уми феврали соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами филологияи муосир: мушкилот ва дурнамо» баргузор гардид.**



Ҳамоиш ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, инчунин 95-солагии таъсисёбии Донишгоҳ бахшида шуда, муҳаққиқон, устодон ва коршиносони ватаниву хориҷиро гирди ҳам овард.

Конференсия дар толори асосии донишгоҳ бо ироаи сухани ифтитоҳии ректори Донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода аз ҷониби муовини ректор оид ба корҳои илмӣ Раҷабзода Сироҷиддин оғоз ёфт. Дар он аҳаммияти рушди илми филология, таҳкими робитаҳои байналмилалӣ ва такмили низоми таълими забонҳои хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ таъкид гардид.

Дар идома, аташеҳои фарҳангии сафоратҳои Ҷумҳурии Фаронса ва Ҷумҳурии Федеративии Олмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Маттиё Коллэ ва Штефан Волфрум суханрониҳои табрикотӣ ироа намуда, аз густариши ҳамкориҳои илмиву фарҳангӣ ва омӯзиши забонҳои аврупоӣ дар Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ карданд.

Сипас, роҳбари шуъбаи забономӯзии Институти Гёте дар шаҳри Тошканд (Ҷумҳурии Ӯзбекистон) Дилдора Муҳаммадаминова дар бораи фаъолияти Институти Гёте ва нақши он дар рушди омӯзиши забони олмонӣ дар минтақа маърӯза намуд.

Ҳамчунин, профессор Дмитрий А. Киселев (Институти миллии забонҳои хориҷии Самарқанд) дар мавзуи «Аз номгузорӣ то ифода: исмҳои анафорикӣ дар забони фаронсавӣ» ва профессор Парвона Ҷамшедов (Донишгоҳи Тоҷикистону Россия — Славянӣ) дар мавзуи «Масъалаҳои усули таълими забонҳои хориҷӣ ва эҷоди китобҳои дарсии насли нав» маърӯзаҳои илмӣ пешниҳод карданд.

Бахши ифтитоҳӣ бо сухани ҷамъбастии декани факултети забонҳои Аврупо ва Осиё, н.и.ф., дотсент Исломзода Ҷамила анҷом ва идомаи кори конференсия дар бахшҳо идома ёфт.

Иштирокчиён таъкид намуданд, ки рушди омӯзиши забонҳои хориҷӣ бояд дар такя ба меъёрҳои забони давлатӣ сурат гирад. Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштаанд: «Омӯхтани забонҳои хориҷӣ бояд дар заминаи забони адабии тоҷикӣ, яъне бар асоси донистани меъёрҳои забони давлатӣ ва риояи хусусиятҳои он сурат гирад».

БОЗДИД

# БОЗДИДИ МЕҲМОНОН АЗ ОСОРХОНАИ ТАЪРИХИИ ДОНИШГОҲ



**Дар ҳошияи баргузории конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ меҳмонону иштирокчиёни ҳамоиш аз Осорхонаи таърихии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дидан намуданд.**

Зимни боздид ба онҳо саҳифаҳои муҳими таърихи таъсис ва рушду такомули донишгоҳ муаррифӣ гардида, аз дастовардҳои илмиву таълимӣ, фаъолияти олимону устодони шинохта ва саҳми муассиса дар тарбияи кадрҳои баландихтисос маълумоти муфассал пешниҳод шуд. Меҳмонон бо намунаҳои ҳуҷҷатҳои нодир, аксҳои таърихӣ, осори илмӣ ва дигар нигораҳои арзишманди осорхона шинос гардиданд.

Бояд зикр намуд, ки осорхонаи таърихии донишгоҳ ҳамчун ганҷинаи ҳифзи мероси илмӣ ва фарҳангии муассиса, дар таҳкими худшиносии миллӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихиву маънавӣ нақши муҳим дорад.

Иштирокчиён аз сатҳи ташкил ва муҳтавои осорхона изҳори қаноатмандӣ намуда, чунин иқдомҳоро дар таҳкими робитаҳои илмиву фарҳангӣ ва муаррифии таъриху анъанаҳои мактаби олии тоҷик муассир арзёбӣ карданд.

# МАЪРУЗАИ ПРОФЕССОР
## КУРОКАМО ХАРУО ДАР ДОНИШГОҲ

***Рӯзи 10 феврали соли ҷорӣ, дар чаҳорчӯбаи барномаи намояндагии Агентии ҳамкории байналмилалии Ҷопон (JICA), профессор Курокамо Харуо аз Донишгоҳи Кансайи Ҷопон дар мавзуи «Таърихи истифодабарии технологияҳои рақамӣ дар соҳаи маориф ва таҳаввулоти он пас аз пандемия» бо маърӯзаи илмӣ баромад намуд.***



Мақсади асосии маъруза таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи Ҷопон дар самти ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар соҳаи маориф, ҳамчунин баррасии таъсири пандемия ба раванди таълим ва омӯзиш мебошад.

Лексия бо иштироки ҳайати омӯзгорон, магистрантон ва донишҷӯён баргузор гардида, дар ҷараёни он мубодилаи афкор ва саволу ҷавобҳои судманд сурат гирифт. Иштирокчиён масъалаҳои марбут ба истифодаи технологияҳои рақамӣ дар таълим, тағйироти низоми маориф пас аз пандемия ва дурнамои рушди онро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Профессор Курокамо Харуо зимни суханронии худ ба истифодаи дастовардҳои муосири технологӣ, аз ҷумла технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, дар низоми маорифи Ҷопон ишора намуд. Ӯ таъкид кард, ки татбиқи технологияҳои инноватсионӣ имконият фароҳам меорад, то омӯзгорон манобеи таълимиро таҳлил намуда, раванди таълимро мутобиқ ба ниёз ва сатҳи ҳар як донишҷӯ ба роҳ монанд. Ба гуфтаи ӯ, чунин равиш самаранокии таълимро баланд бардошта, барои донишҷӯён муҳити мусоиди омӯзишро фароҳам месозад.

Қобили зикр аст, ки ин ташриф дар таҳкими ҳамкориҳои илмӣ, фарҳангӣ ва таълимӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷопон аҳамияти муҳим дорад. Он метавонад ба тақвияти робитаҳои дуҷониба, таҳияи барномаҳои таълимии замонавӣ, ҳамоҳангсозии методикаи омӯзиш ва истифодаи таҷрибаҳои пешрафтаи байналмилалӣ мусоидат намояд.

# НАМОЯНДАИ ДОНИШГОҲ ДАР ЧОРАБИНИИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҶАВОНОН ДАР МОСКВА ИШТИРОК НАМУД

***6-уми феврали соли 2026 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия марафони байналмилалии «Россия – кишвари оилаҳо» баргузор гардид, ки дар он ҳайати ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ фаъолона иштирок намуданд.***

Аз ҷониби Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ сардори шуъбаи тарбияи донишгоҳ Каримов Давлатшо дар ин чорабинии сатҳи баланд иштирок кард.

Ҷалби ҷавонони ҷумҳурӣ барои иштирок дар ин чорабинии сатҳи байналмилалӣ аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуд.



Дар доираи он намояндагони кишварҳои гуногун, ходимони давлатӣ, олимон, варзишгарон ва чеҳраҳои маъруфи фарҳангиву ҳунарӣ бо барномаҳои фарҳангӣ баромад намуданд.

Барномаи марафон хеле фарогир буда, лексияҳои маърифатӣ, мастер-классҳои фарҳангӣ ва варзишӣ, намоиши либосҳои миллӣ, консертҳо ва барномаҳои эҷодиро дар бар гирифт.

Ҳамзамон, барои иштирокчиён намоишгоҳҳои мавзуӣ, китобхонаҳои адабиёти халқҳои гуногун, дегустатсияи таомҳои миллӣ ва барномаҳои интерактивӣ ташкил карда шуданд.

Иштироки намояндаи донишгоҳ дар чунин чорабинии байналмилалӣ ба таҳкими робитаҳои фарҳангиву ҷавонон, мубодилаи таҷриба ва густариши ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, ин сафар имконияти хубе фароҳам овард, то ҷавонони Тоҷикистон дар фазои байналмилалӣ арзишҳои миллиро муаррифӣ намуда, робитаҳои дӯстиву ҳамдигарфаҳмиро тақвият бахшанд.

ҶАЛАСА



# ҶАЛАСАИ ГУРӮҲИ КОРӢ БАҲРИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

***Маҷлиси навбатии гурӯҳи корӣ ҷиҳати таҷдиди назар ва такмили барномаҳои таҳсилотӣ ва нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунандаи донишгоҳ бо иштироки муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Айнулозода Н., кормандони раёсати таълим, мудирони кафедраҳо ва мутахассисони соҳавӣ баргузор гардид. Ҳадафи асосии ҷаласа баланд бардоштани сифати таҳсилот, мутобиқ намудани барномаҳо ба талаботи стандартҳои давлатӣ ва ҳамоҳангсозии онҳо бо ниёзҳои бозори меҳнат арзёбӣ шуд.***

Дар рафти ҷаласа вазъи кунунии барномаҳои таълимӣ ҳамаҷониба таҳлил гардида, самаранокии татбиқи онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аъзои гурӯҳи корӣ ба масъалаи мутаносибии фанҳои назариявӣ ва амалӣ, тақвияти машғулиятҳои таҷрибавӣ, истифодаи усулҳои муосири таълим ва ворид намудани технологияҳои рақамӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд. Ҳамзамон, пешниҳодҳо оид ба такмили сохтори нақшаҳои таълимӣ, бознигарии мазмуну муҳтавои фанҳо ва ворид намудани тағйиру иловаҳо бо дарназардошти талаботи соҳа баррасӣ шуданд.

Дар фарҷом таъкид гардид, ки татбиқи пешниҳодҳои ироашуда метавонад ба баланд гардидани сатҳи омодагии касбии донишҷӯён, рақобатпазирии хатмкунандагон дар бозори меҳнат ва рушди минбаъдаи фаъолияти таълимии донишгоҳ мусоидат намояд. Қарор карда шуд, ки пешниҳодҳои мутахассисон барои баррасии минбаъда ва тасдиқ ба шурои олимон пешниҳод карда шаванд.

# КАМБУДИҲО БОЯД ЗУДТАР ИСЛОҲ ГАРДАНД!

**Дар мулоқоти муовини ректор оид ба илм, доктори илмҳои химия, профессор Сироҷиддин Раҷабзода бо мудирони кафедраҳои донишгоҳ маҷмуи васеи масъалаҳои марбут бо фаъолияти илмии устодон мавриди баррасии ҷиддӣ қарор гирифтанд.**

Таъкид шуд, ки ҳарчанд фаъолияти илмии донишгоҳ назаррас аст, аммо то кунун дар фаъолияти мудирони кафедра ва устодон камбудиҳои назаррас дида мешавад.

Дар ҷаласа таъкид гардид, ки бояд фаъолияти илмии донишгоҳ, аз ҷумла пешниҳоди лоиҳаҳои илмӣ-фармоишӣ дар соли 2026 ҷоннок карда шавад.

Қабули донишандӯзон ба магистратура ва докторантура, омода кардани кадрҳои илмӣ ва илмиву омӯзгорӣ, мукаммал намудани пойгоҳи илмии донишгоҳ, нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои хориҷи кишвар, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва реклама ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ ба донишгоҳ, омодагии ҷиддӣ ба олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои ҷумҳуриявӣ низ мавриди баррасии ҷиддӣ қарор гирифтанд.

Ба омӯзгороне, ки мақолаи илмӣ надоранд ва рисолаҳои илмии худро саривақт дифоъ накардаанд, барои анҷоми муваффақона дар ин самт муҳлати муайян дода шуд.

Инчунин тақвияти фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ ва баргузории ҳимояҳои мунтазам дар онҳо самти дигари кори ҷаласаро ташкил дод.

Дар анҷом изҳори умед карда шуд, ки бартараф намудани камбудиҳои болозикр барои баланд гардидани фаъолияти илмии донишгоҳ мусоидат хоҳад кард.

Аз рӯи масъалаҳои баррасигардида қарорҳои дахлдор қабул гардид.



# ҶАЛАСАИ ҚИСМИ ТАРБИЯ ВОБАСТА БА ҶАШНҲОИ МИЛЛӢ

**Дар толори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҷаласаи навбатии қисми тарбия бо иштироки муовинони декан оид ба корҳои тарбиявӣ баргузор гардид.**

Ҳадафи асосии ҷаласа андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати корҳои тарбиявӣ, риояи дастурамали сарулибос, қоидаҳои дохилимуассисавӣ ва тартиби будубош дар хобгоҳҳо, таҳкими ҳолати тозагии санитарӣ, инчунин фаъолгардонии иштироки



донишҷӯён дар чорабиниҳои марбут ба Рӯзи Модарон, ҷашни байналмилалии Наврӯз ва иштирок дар шанбегиҳою маъракаҳои ниҳолшинонӣ арзёбӣ гардид.

Дар ҷаласа муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ Назарзода Нигора, сардори шуъбаи тарбия Давлатшо Каримзода, мудири шуъбаи кор бо ҷавонон Муродов Муҳаммад, мудири бахши кор бо духтарон ва бонувонон Давлатзода Муслима, кормандони шуъбаи тарбия ва муовинони деканҳои факултетҳо иштирок намуданд.

Зимни ҷаласа ба масъулони сохторҳои тарбиявӣ оид ба тақвияти корҳои назоратӣ, таҳкими интизоми таҳсилу меҳнат, таъмини тозагӣ ва риояи меъёрҳои муқарраргардида супоришҳои мушаххас дода шуданд. Ҳамчунин таъкид гардид, ки барои дар сатҳи баланд баргузор намудани чорабиниҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми сохторҳои дахлдор зарур мебошад.

Инчунин вобаста ба ташкили шанбегиҳо ва маъракаҳои ниҳолшинонии дастҷамъона аз ҷониби омӯзгорону донишҷӯёни факултетҳо чораҳои дахлдор андешида мешаванд.

Дар фарҷом ҷаласа бо қабули супоришҳо ва муайян намудани дурнамои амалисозии нақшаҳои тарбиявии донишгоҳ, инчунин ҷоннок гардонидани дарсҳои кураторӣ ҷамъбаст гардид.

# СЕМИНАРИ ОМӮЗИШӢ ОИД БА РОҲҲОИ ДАРЁФТИ СТИПЕНДИЯИ ИНСТИТУТИ ГЁТЕ

**Рӯзи 13 феврали соли 2026 дар доираи Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ, ки аз ҷониби факултети забонҳои Аврупо ва Осиё роҳандозӣ гардида буд, дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ семинари омӯзишӣ таҳти унвони «Роҳҳои дарёфт ва ба даст овардани стипендияи Институти Гёте» баргузор гардид.**

Дар кори семинар омӯзгорон ва донишҷӯёни ихтисосҳои забони олмонӣ иштирок намуда, доир ба имкониятҳои таҳсил ва такмили ихтисос дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон маълумоти муфассал гирифтанд.

Зимни семинар намояндаи Дафтари марказии Хадамоти мубодилаи академии Олмон (DAAD) дар шаҳри Бонн Вера Рогова оид ба роҳу воситаҳои дарёфт ва ба даст овардани стипендия суханронӣ намуда, бо иштирокчиён мубодилаи афкор анҷом дод.

Ҳамчунин, дар кори семинар намояндаи Дафтари маркази Хадамоти мубодилаи академии Олмон (DAAD) дар Ҷумҳурии Қирғизистон Мээрим Дуйшаева, Аташеи фарҳангии Олмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Штефан Волфрум ва дигар меҳмонон иштирок намуданд.

Дар идомаи семинар ба иштирокдорон вобаста ба им-



кониятҳои таҳсил дар Олмон ва роҳҳои сафарбарнамоии донишҷӯён тавассути дарёфти стипендияҳои аз ҷониби DAAD пешниҳодшаванда маълумоти муфид пешниҳод карда шуд.

НАМОИШНОМАИ ТЕАТРӢ

# «АШКИ ХУНИИ МОДАР»



**Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки ҳунармандони Театри давлатии «Ҷавонон» ба номи Маҳмудҷон Воҳидов намоишномаи театрии «Ашки хунии модар» манзури аҳли раёсат, омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни муассиса гардонида шуд.**



Намоишномаи мазкур масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ва ахлоқиро фаро гирифта, тавассути образҳои таъсирбахш ва саҳнаҳои пурмазмун эҳсоси масъулиятшиносӣ, эҳтиром ба арзишҳои инсонӣ ва арҷгузорӣ ба мақому манзалати модарро инъикос намуд. Мавзуи асосии асар ба муносибати фарзандон бо волидон, садоқат ба оила ва оқибатҳои беэътиноӣ нисбат ба қадри инсонӣ бахшида шуда, дар заминаи воқеияти зиндагӣ таҳия гардидааст.

Ҳунари баланди ҳунармандон, саҳнабандии ҷолиб ва муҳтавои тарбиявии намоишнома боиси таваҷҷуҳи зиёди тамошобинон гардида, дар фарҷом аз ҷониби ҳозирин гарму самимӣ истиқбол карда шуд.

Баргузории чунин чорабиниҳои фарҳангӣ дар донишгоҳ ҷиҳати баланд бардоштани маърифати маънавию ахлоқии ҷавонон, эҳтиром ба волидайн ва тақвияти ҳисси ватандӯстиву инсонпарварӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

# ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ОМӮЗГОРОНУ ХОНАНДАГОНИ ЛИТСЕЙИ НАЗДИ ДОНИШГОҲ

**18-уми феврали соли 2026 дар толори калони фарҳангии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ маросими ҳавасмандгардонии омӯзгорону хонандагон баргузор гардид.**



Чорабинии мазкурро муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳ Раҷабзода Сироҷиддин ифтитоҳ намуда, қайд намуданд, ки Литсейи назди Донишгоҳ дар як муддати кутоҳ тавонист дар чандин озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардида, номи ин даргоҳро баланд бардорад.

Сипас дар вазъияти тантанавӣ ба омӯзгорон ва хонандагони фаъол диплом, ифтихорнома ва сипосномa тақдим карда шуд.

Чорабинӣ бо барномаи фарҳангии хотирмон ҷамъбаст гардид, ки ба иштирокчиён шодию илҳоми тоза бахшид.

МУЛОҚОТИ КОРӢ

# «ҶАВОНОН, ПАЁМ ВА ҲИФЗИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ»

***Рӯзи 10 феврали соли 2026, дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҷаласаи корӣ дар доираи баргузории мулоқоту вохӯриҳо бо усули «факултет ба факултет» ва «курс ба курс» таҳти унвони «Ҷавонон, Паём ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ» баргузор гардид.***




Дар ҷаласа Раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулаҳмадзода Зулфиқор Аҳмад, муовини Раиси шаҳри Душанбе Одилзода Дилбар, намояндагони Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, сохторҳои дахлдор ва масъулини факултетҳои донишгоҳҳо иштирок намуданд.

Зимни суханронии худ Раиси Кумита вобаста ба сиёсати давлатии ҷавонон, дастгириҳои пайваста ва таваҷҷуҳи хосаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин нуктаҳои асосии Паёми навбатии Пешвои миллат ибрози назар намуданд. Таъкид гардид, ки бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Роҳбари давлат барои ҷавонон шароити мусоид фароҳам оварда шуда, ҷиҳати рушди ҳамаҷонибаи онҳо тадбирҳои муассир амалӣ мегарданд.

Ҳамзамон масъалаҳои марбут ба дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор намудани мулоқоту вохӯриҳо бо усули «факултет ба факултет» ва «курс ба курс» мавриди баррасӣ қарор гирифта, зикр шуд, ки чунин шакли корбарӣ ба баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқӣ, худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандии донишҷӯён мусоидат менамояд.

Дар фарҷоми ҷаласа ба масъулини соҳа ҷиҳати таҳияи нақшаи чорабиниҳо, тақвияти корҳои ташкиливу иттилоотӣ ва таъмини иштироки фаъоли донишҷӯён дар мулоқоту вохӯриҳо супоришҳои мушаххас дода шуданд.

# ДАР МАВЗУИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛӢ БАРГУЗОР ГАРДИД



**Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ конференсияи илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Амнияти иттилоотии ҷавонон ҳамчун омили асосии пешгирии шомилшавӣ ба гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ» баргузор гардид.**

Чорабинии мазкур бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонӣ роҳандозӣ шуда, дар кори он омӯзгорону мутахассисон ва донишҷӯёни донишгоҳ фаъолона иштирок намуданд.

Зимни баргузории конференсия масъалаҳои марбут ба таъмини амнияти иттилоотии ҷавонон, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, инчунин роҳҳои пешгирии шомилшавии онҳо ба ташкилоту ҳаракатҳои ифротӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Қайд гардид, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ таҳкими маърифати иттилоотӣ миёни ҷавонон яке аз омилҳои муҳими ҳифзи амнияти миллӣ ва суботи ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Дар фарҷоми чорабинӣ иштирокдорон доир ба роҳандозии тадбирҳои муассир ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷавонон дар фазои иттилоотӣ мубодилаи афкор намуданд.

Муаллим он шахсест, ки рӯҳ ва ақлро рӯшной мебахшад. **Ҷалолиддини Балхӣ**

№02 (1092)
28 феврали соли 2026

**Ба истиқболи 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашрияи «Омӯзгори ҷавон» рубрикаи вижаро пешниҳод мекунад, ки ҳадафи он бозгӯ ва таҳлили дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ, бахусус саҳми муассисаҳои илмӣ-маърифатӣ дар рушди кишвар мебошад. Дар доираи ин бахш мавод оид ба комёбиҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳамчун яке аз марказҳои бонуфузи тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, рушди илму маориф, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва татбиқи ислоҳоти соҳа мунтазам ба нашр мерасад. Рубрика минбари муаррифии иқдомҳои нав, таҷрибаи пешқадам ва нақши Донишгоҳ дар тарбияи насли худогоҳу ватандӯст дар даврони Истиқлол хоҳад буд.**

# КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАХШИДА БА МАСОИЛИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

***Рӯзи 23 феврали соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои омӯзиши забоншиносии муқоисавӣ, тарҷумашиносӣ, адабиётшиносӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ» баргузор гардид.***



Конференсияи мазкур ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020–2030, инчунин Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои давраи то соли 2030 ва 95-солагии донишгоҳ бахшида шуд.

Сухани ифтитоҳии ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода аз ҷониби муовини ректор оид ба корҳои илмӣ Сироҷиддин Раҷабзода ба самъи иштирокчиён расонида шуда, зимни он оид ба нақши муҳими омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, таҳкими ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ ва такмили методикаи таълим ибрози назар карда шуд.

Дар идомаи ҷаласа маърӯзаҳои олимону мутахассисони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла намояндагони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Донишгоҳи омӯзгории Синзяни Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Корея шунида шуданд.

Иштирокчиён баргузории чунин ҳамоишҳои илмиро дар шароити ҷаҳонишавӣ барои таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ, мубодилаи таҷрибаи пешқадам ва рушди методикаи муосири таълими забонҳои хориҷӣ муҳим арзёбӣ намуданд.

Ҳамзамон, дар бахшҳои конференсия масъалаҳои мубрами таҳқиқоти муқоисавии забонҳо, равишҳои муосири таълими забонҳои хориҷӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим ва дигар ҷанбаҳои илмӣ-методии соҳа мавриди таҳлил қарор гирифтанд.

# ИШТИРОКЧИЁНИ КОНФРОНС АЗ ОСОРХОНАИ ТАЪРИХИИ ДОНИШГОҲ ДИДАН НАМУДАНД

**Дар хошияи баргузории конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои омӯзиши забоншиносии муқоисавӣ, тарҷумашиносӣ, адабиётшиносӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ», ки рӯзи 23 феврали соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баргузор гардид, иштирокчиёни ҳамоиш аз Осорхонаи таърихии донишгоҳ боздид ба амал оварданд.**



Зимни шиносой меҳмонон аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Корея бо таърихи таъсис ва марҳилаҳои рушди донишгоҳ, фаъолияти илмӣ-таълимии устодону олимон, дастовардҳои илмию фарҳангӣ ва саҳми муассиса дар омодасозии мутахассисони баландихтисос аз наздик ошно гардиданд.

Ба иштирокчиён инчунин намунаҳои нодири ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, аксҳои таърихӣ, осори илмӣ ва дигар маводи намоишӣ муаррифӣ гардида, оид ба нақши донишгоҳ дар рушди низоми маорифи кишвар маълумоти муфассал пешниҳод карда шуд.

Меҳмонон чунин ташаббусро дар самти муаррифии таърихи муассиса ва таҳкими робитаҳои илмӣ-фарҳангӣ муҳим арзёбӣ намуда, аз сатҳи ташкил ва муҳтавои осорхона изҳори қаноатмандӣ карданд.

# «ОИНАИ ДОНИШГОҲ» –

## ОИНАИ ТАЪРИХ ВА МЕРОСИ ДДОТ

**Ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 95-солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ маҷмуаи нав бо унвони «Оинаи донишгоҳ. (Муаррифномаи Осорхонаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ)» ба табъ расид.**




Маҷмуа соли 2026 бо сифати баланд ва ранга интишор ёфта, дар он фаъолияти Осорхонаи донишгоҳ ба таври фишурда ва муназзам ба се забон — тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ муаррифӣ шудааст.

Муаллифони китоб Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло ва Кенҷазод Фаридун Примшо буда, дар он маълумот вобаста ба таърихи ташаккул, марҳилаҳои рушд, нигораҳо ва маводи нодири осорхона ҷой дода шудааст.

Маҷмуа ҳамчун дастури раҳнамо барои меҳмонон, устодон, донишҷӯён, пажуҳишгарони соҳаи осорхонашиносӣ ва ҳаводорони таъриху фарҳанги миллӣ пешбинӣ гардидааст.

Ин нашр нақши Осорхонаи донишгоҳро дар ҳифз, муаррифӣ ва тарғиби мероси илмӣ, таълимӣ ва фарҳангии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бозгӯ менамояд.



(Идома дар саҳ. 9)

РАВЗАНАИ ОШНОӢ

# ИЛМ, ЗАБОНДОНӢ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

**Ҳамсуҳбати мо мудири кафедраи забони фаронсавӣ, раиси Ҷамъияти дӯстии “Тоҷикистону Фаронса”, доктори илмҳои фалсафа, профессор Султонзода Соқӣ Аслон.**

Мавриди зикр аст, ки номгӯи асарҳо, мақолаҳо ва корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ ва илмӣ-методиаш бештар аз 100 номгӯйро ташкил медиҳад. Тарҷумаи ҷилди якуми китоби “Тоҷикон”-и академик Б. Ғафуров ва чандин мақолаву корҳои таҳқиқотӣ бо забони фаронсавӣ аз маҳорати тарҷумонии номбурда Султонзода Соқӣ дарак медиҳад.

**Саравал мегуфтед, ки раванди таълим аз дидгоҳи Шумо чи гуна роҳандозӣ шуда аст? Ба вазъи илм чи гуна баҳо медиҳед?**

Раванди таълиме, ки имрӯз дар донишгоҳ роҳандозӣ шудааст, нисбат ба солҳои қаблӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Имрӯз донишгоҳ барои рушди фаъолияти илмӣ тамоми шароитро фароҳам овардааст. Донишҷӯён низ бо зеҳн, бо ақл, бо завқ, бо донишу фаросат, бо ҳисси кунҷковӣ ва талаботи маънавии худ нисбат ба донишҷӯёни солҳои қаблӣ комилан фарқ доранд, ки ин омӯзгоронро водор месозад то дар болои худ бештар корбарӣ кунанд. Қобили зикр аст, ки дар донишгоҳи мо имрӯз вазъи омӯзиш ва таҳсил бисёр дуруст ба роҳ монда шудааст, ки мо натиҷаи онро аз дастовардҳои донишҷӯён дар озмунҳои байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва шаҳрӣ, ки ҷойҳои намоёнро касб намудаанд, мушоҳида менамоем.

**Кафедраи забони фаронсавии донишгоҳ, ки сарвариашро Шумо бар дӯш доред, бобати омода намудани мутахассисони соҳа саҳми зиёд дорад. Дар кафедра кадом ихтисосҳо тадрис мешаванд?**

Кафедраи забони фаронсавии донишгоҳ бори нахуст соли 1963 дар заминаи кафедраи забони олмонӣ ҳамчун ихтисоси алоҳидаи забони фаронсавӣ ва соли 1972 чун кафедраи мустақил фаъолияти худро оғоз намуд. То ба имрӯз дар кафедраи мазкур мутахассисони соҳибтаҷриба ба донишҷӯён дарс мегуянд ва дар тӯли таърихи фаъолияти худ кафедра дар омода намудани кадрҳои соҳибзабону соҳибкасб нақши муассир гузоштааст. Имрӯз дар он бештар аз 10 нафар омӯзгорон ба фаъолияти илмиву таълимӣ машғул мебошанд, ки аз ин 5 нафар соҳиби унвон ва дараҷаҳои илмӣ, яъне номзадони илм, доктори илм ва профессорони соҳибтаҷриба ҳастанд. Дар кафедраи мазкур омӯзгорони мо аз фанҳои амалияи нутқи шифоҳии забони фаронсавӣ, фонетикаи амалӣ, грамматикаи амалӣ, назарияи амалӣ, назарияи грамматика, таърихи забони фаронсавӣ, адабиёти Фаронса, услубшиносии забони фаронсавӣ, шарҳи матн ва дигар фанҳои марбут ба ихтисоси забони фаронсавиро ба донишҷӯён дарс мегӯянд.

**Мегуфтед, ки ҳувияти миллӣ ва олмро чи гуна тавзеҳ медиҳед?. То кучо забондонӣ барои тарғиби ҳувияти миллӣ ёрмандӣ менамояд.**

Ба фаҳмиши ман ҳувияти миллӣ ё худшиносии миллӣ мафҳумҳои ба ҳамдигар муродиф ҳастанд. Нафаре метавонад соҳиби ҳуввияти миллӣ ё худшиносии миллӣ бошад, ки аз таърихи миллат, аз адабиёту фарҳанг, аз забон ва аз сиёсати давлат пурра бохабар аст. Нафаре, ки ин арзишҳои номбурдаро намедонад ва ё надорад, наметавон онро ҳамчун шахси дорои ҳуввиятӣ миллӣ номбурд. Зери мафҳуми ҳуввияти миллӣ маҷмӯи арзишҳо, таърих, забон, фарҳанг, урфу одат ва худшиносии як миллатро дар назар дорад, ки бо ҳамин арзишҳо аз дигар миллатҳо фарқ мекунанд. Шахсе, ки забондон аст ва ба тарҷумаи осори миллӣ шуғл дорад, қодир аст бо тарҷума ва тарғиби ганҷинаҳои миллӣ худшиносии миллиро низ тақвият диҳад.



**Сабаби дур шудани ҷавонон аз илм ва рӯй овардан ба хурофоту бегонапарастӣ дар чист? Оқибатҳои ногувори ин ҳолатро чи гуна арзёбӣ мекунед?**

Имрӯз, ки асри технология асту дастраси ҳамаган ба хусус ҷавонон ба шабакаҳои интернетӣ бисёр осон шудааст, мутаассифона, ҳар гуна маълумоти беэътимод ва аз полоиш нагузашта хело зиёданд, ки ин ба мафкураи ҷавонон метавонад таъсири манфӣ дошта бошад. Зеро шабакаҳои интернетиро на ҳар ҷавон дуруст самаранок истифода мебарад. Гаравидани ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои мамнуъ ва ба доми фиреб афтодани онҳо аз беназоратии волидайн, дур мондан аз таълиму тарбия буда, сари вақт пеши роҳи ин омили номатлубро гирифтан лозим. Албатта, мо ҷавонони хуб зиёд дорем ва метавонем пеши роҳи ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои бегона гаравидани ҷавононро сари вақт гирифта бошем. Зеро таълиму тарбия нахуст аз хона оғоз мешавад. Ва дар таълиму тарбияи ҷавонон нақши волидайн, мактабу мaориф ва ҷомеа хело бузург мебошад. Дар ин амр моро месазад, то дар руҳияи худшиносӣ ва ватандӯстӣ таълиму тарбия намудани насли ҷавони кишварамон саҳмгузор бошем.

Мехостем назари Шуморо роҷеъ ба баланд бардоштани маърифати илмии ҷавонону донишҷӯён ва ҷалб намудан ба китобхонӣ фаҳмида бошам?

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки илму маърифат пояи рушди ҳар миллат аст. Ва дар инҷо боз ҳам саҳми волидайн, мактабу маориф ва ҷомеа дар ҷои аввалиндараҷа меистад. Ҳамзамон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ба тавсиб расидааст, ки тибқи он падару модар бояд фарзандонро ба омӯзиш ва таҳсил зери назорати ҷиддӣ гиранд, аз ҷониби дигар мактабу маориф таълимро дуруст ба роҳ монанд. Дар натиҷа бо боварӣ метавон гуфт, ки ҷавонони мо дар самти омӯзишу парвариш ва дар роҳи илм метавонанд, ба пешравиҳо ноил гардем. Дар сурати тарбияи дурусти ҷавонон он хиради азалии дар ботини онҳо нуҳуфтаро бедор кардан лозим, зеро ниёгони мо имлдӯсту илмпарвар буданд ва мутафаккирони моро дар сатҳи ҷаҳон эътироф кардаанд. Он хуне, ки дар бобоёни мо, дар шоиронy олимонамон аз қабили А.Розӣ, А.Берунӣ, А.Рӯдакӣ, И.Сино, Ҷ.Балхӣ ва ғайра дар пайкари ҷавонони мо дар ҳаракат аст, ва бо андак роҳнамоии дурусти онҳо ба илм рӯ хоҳанд овард.

**Ба нафароне, ки мехоҳанд забони фаронсавиро омӯзанд, чӣ маслиҳат медиҳед?**

Бояд гуфт, ки имрӯзҳо дар баробари омӯзиши забонҳои русӣ, англисӣ таваҷҷуҳи ҷавонони мо ба забони фаронсавӣ низ, ки ҳамчун забони ишқу зебой, илму фарҳанг медонанд хело зиёд шудааст. Маслиҳати ман ба ҳамон нафароне, ки мехоҳанд ин забонро омӯзанд, ҳамин аст, ки наҳаросида ин забонро аз бар кунанд, зеро оянда метавонанд бо ҷойҳои кори хуб таъмин шаванд. Бояд гуфт, ки забони фаронсавӣ ҳамчун забони байналмилалии коргузорӣ дар созмонҳои ҷаҳонии СММ, ЮНЕСКО, Иттиҳоди Аврупо ва дигар созмонҳо ҳамчун забони илму забони байналхалқии ҳуқуқшиносӣ дониста шудааст. Пеш аз ҳама ҳаминро мехоҳам зикр намоям, ки имрӯзҳо сайёҳону ҷаҳонгардони зиёде ба Тоҷикистони маҳбуби мо ба хусус аз шаҳрвандони кишвари Фаронса меоянд, ки дар натиҷа ҷавонони забондон лозим меояд. Ва он ҷавононе ба мо лозиманд, ки донандаи хуби забони фаронсавӣ бошанд ва дар баробари он донандаи хуби таъриху адабиёт ва фарҳанги кишварамон бошанд, то ба сайёҳон маълумоти дуруст пешкаш намоянд.

**Шердил КАРИМОВ**

Илм он аст, ки бо ақл ва таҷриба пайваст
бошад, вагарна танҳо суханест пароканда.
Умари Хайём

№02 (1092)
28 феврали соли 2026

# ҲАДАФҲОИ БАРНОМАИ ДАВЛАТИИ ТАКМИЛИ ТАЪЛИМ ВА ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ РУСӢ ВА АНГЛИСӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Системаи таълими давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – ин як механизм мураккаб ва динамикӣ мебошад, ки мақсади он таъмини дастрасии ҳама шаҳрвандони кишвар ба таълим ва рушди қобилиятҳои онҳо дар заминаи дониш ва фарҳанги муосир мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо таърихи бой ва фарҳанги гуногун, дар давраи истиқлолият бо мақсади беҳтар намудани сифати таълим ва мутобиқ кардани он ба талаботи замони муосир, барномаҳои гуногунро ба иҷро мерасонад. Системаи таълими давлатии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои демократӣ, баробарии ҳуқуқ, ва дастрасӣ ба таълим ташкил шудааст. Он кӯшиш мекунад, ки талаботи ҷомеа ва иқтисодиёти кишварро дар назар гирад, то ҷавонон бо дониши зарурӣ ва маҳорати касбӣ таъмин шаванд.**

Таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар се марҳила асосии таҳсилот – таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти касбӣ ва таҳсилоти олӣ ташкил шудааст. Таҳсилоти умумӣ, ки аз мактабҳои ибтидоӣ ва миёна иборат аст, барои ҳама кӯдакон ҳатмӣ ва ройгон мебошад. Ин марҳила ба хонандагон асосҳои дониши умумиро пешниҳод мекунад, ки барои идомаи таҳсилот дар марҳилаҳои баъдӣ зарур аст. Таҳсилоти касбӣ, ки дар коллеҷҳо ва техникумҳо пешниҳод мешавад, ба ҷавонон имконият медиҳад, ки дар соҳаҳои муайян омода шаванд ва ба бозори меҳнат ворид шаванд. Таҳсилоти олӣ, ки дар донишгоҳҳо ва институтҳо пешниҳод мешавад, барои касбомӯзии мукаммал ва таҳқиқи илмӣ равона шудааст.

Системаи таълими давлатии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият якчанд марҳилаҳои муҳимро убур кардааст. Аввалан, бо мақсади беҳтар намудани сифати таълим, барномаҳои нави таълимӣ ва методологияҳои муосир таҳия шуда, дар муассисаҳои таълимӣ татбиқ гардидаанд. Ин барномаҳо бо назардошти талаботи замони муосир ва ниёзҳои бозори меҳнат таҳия шудаанд. Дуюм, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои дигар ҳамкории зичро дар соҳаи таълим ба роҳ мондааст, ки ин ба воридоти таҷрибаи байналмилалӣ ва методологияҳои муосир дар таълим кӯмак мекунад. Сеюм, таъмини дастрасии ҳама шаҳрвандон ба таълим, хусусан дар минтақаҳои дурдасти кишвар, яке аз вазифаҳои асосии давлат мебошад.

Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки дар он таълимоти забонҳои хориҷӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар шомил шудааст, нақши муҳим дорад. Забонҳои русӣ ва англисӣ, ҳамчун забонҳои байналмилалӣ, барои ҷавонон имкониятҳои зиёдеро фароҳам меоранд. Омӯзиши забонҳои хориҷӣ на танҳо ба ҷавонон кӯмак мекунад, ки бо фарҳанг ва арзишҳои дигар кишварҳо шинос шаванд, балки инчунин барои онҳо имкониятҳои корӣ дар бозори ҷаҳонӣ фароҳам меорад.

Такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ҳадафҳои дар барномаи нахуст гузошташуда, инчунин, вазифаҳои навбатии рушди забони русӣ ва англисӣ дар фазои таълимӣ ҳамчун забони фазои умумитаълимӣ воситаи муошираи байналмилалиро муайян мекард. Азнавкунонии босифати мазмуну мундариҷа ва такмили услубу усулҳои омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ мутобиқ ба стандартҳои давлатии таҳсилот. Мақсаднок омода намудани мутахассисони баландихтисоси забоншиносӣ дар самти омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ, бозомӯзии кадрҳои педагогӣ дар ин самт. Ташаккули забондонии самарабахш, муоширати байнифарҳангӣ, озодона истифода бурдани забонҳои русӣ ва англисӣ дар фаъолияти касбӣ ва амалӣ. Омода намудани барномаҳои таълимии санҷидашуда, модулҳо ва лоиҳаҳо доир ба омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ.



**Исломзода Ҷ., декани факултети забонҳои Аврупо ва Осиё**

Инчунин тибқи барномаи мазкур ташкил кардани шуроҳои дисертатсионӣ, таъбу нашри луғатномаҳо, кушодани ихтисосҳои нави дахлдор, зиёд кардани Квотаҳои президентӣ дар ин самт, ба хориҷа фиристодани донишҷӯёну омӯзгорон ва табодули онҳо дар назар гирифта шуда буд.

Таълими забонҳои русӣ ва англисӣ дар мактабҳо ва муассисаҳои таълимии кишвар бо истифода аз методологияҳои муосир ва маводи таълимии навин гузаронида мешавад. Ин барномаҳо на танҳо ба омӯзиши грамматика ва лексикаи забонҳои мазкур, балки инчунин ба рушди маҳорати гӯш кардан, суханронӣ, хондан ва навиштан равона шудаанд. Инчунин, барои омӯзгорон курсҳои такмили ихтисос ва тренингҳо ташкил карда мешаванд, то онҳо бо усулҳои муосири таълим ва технологияҳои навини омӯзиш шинос шаванд.

Вобаста ба рушди технологияи иттилоотӣ, таълими забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз воситаҳои электронӣ ва интернет низ такмил меёбад. Платформаҳои онлайн, барномаҳои таълимӣ ва манбаъҳои иттилоотӣ, ки дар интернет мавҷуданд, имкон медиҳанд, ки ҷавонон дар ҳар вақт ва дар ҳар ҷо ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ машғул шаванд. Ин усул на танҳо ба осонӣ ва дастрасии омӯзиш кӯмак мекунад, балки инчунин ба ҷавонон имконият медиҳад, ки бо муҳити байналмилалӣ шинос шаванд ва таҷрибаи байналмилалиро ба даст оранд.

Системаи таълими давлатии Тоҷикистон инчунин ба рушди фарҳанг ва арзишҳои миллӣ диққати махсус медиҳад. Омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар контексти фарҳангии Тоҷикистон, бо назардошти арзишҳои миллӣ ва анъанавии кишвар, бояд ба ҷавонон кӯмак кунад, то онҳо на танҳо забон, балки фарҳанги кишварҳои дигарро низ омӯзанд. Ин равиш ба ҷавонон кӯмак мекунад, ки дар ҷаҳони муосир бо эҳтироми арзишҳои фарҳангии худ, бо фарҳангҳои дигар шинос шаванд ва барои ҳамкории байналмилалӣ омода шаванд.

Дар маҷмӯъ, системаи таълими давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо такя ба принсипҳои демократӣ ва баробарии ҳуқуқ, кӯшиш мекунад, ки ба ҷавонон имкониятҳои беҳтаринро барои таҳсил ва рушди шахсӣ фароҳам орад. Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ, бо мақсади такмили сифати таълим ва дастрасии он, нақши муҳимро дар ин раванд мебозад. Бо такмили доимии методологияҳо, технологияи таълим ва ҳамкории байналмилалӣ, Тоҷикистон метавонад ба рушди устувори таълим ва фароҳам овардани имкониятҳои нав барои ҷавонон дар замони муосир ноил гардад.

# АРҶ ГУЗОШТАН БА ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ ҲАМЧУН МЕҲВАРИ ҲИССИЁТИ АХЛОҚӢ

**Арҷ гузоштан ба Қувваҳои мусаллаҳ яке аз нишонаҳои муҳими фарҳанги сиёсӣ ва маърифати ахлоқии ҷомеа ба шумор меравад. Ин арзиш на танҳо эҳтиром ба ниҳодҳои давлатии ҳифзи амният аст, балки ифодаи сатҳи баланди шуури шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ ва масъулияти иҷтимоии инсон мебошад. Ҳиссиёти ахлоқӣ — чун виҷдон, қарзи шаҳрвандӣ, адолатпарварӣ ва садоқат — дар муносибат ба муҳофизони Ватан равшан таҷассум меёбанд.**



**Н.Т. Саидзода, н.и.п., дотсент, декани факултети психологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**

Бояд қайд намуд, ки ахлоқ маҷмӯи меъёрҳо ва арзишҳост, ки рафтору муносибати инсонро дар ҷомеа танзим мекунад. Он на танҳо қоидаҳои зоҳирии рафтор, балки ҳиссиёти ботиниро низ фаро мегирад. Ҳиссиёти ахлоқӣ инсонро водор месозад, ки неку бадро фарқ кунад, масъулиятро эҳсос намояд ва дар назди ҷомеа вазифаи худро адо намояд.

Тавре, ки ба ҳамаи мо маълум аст, 23-юми феврал дар Ҷумҳурии Тоҷикистони азизамон ҳамчун Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳ таҷлил мегардад. Ин сана рамзи таъсис ва таҳкими Артиши миллӣ буда, баёнгари эҳтирому арҷгузории мардум нисбат ба муҳофизони Ватан мебошад. Қувваҳои мусаллаҳ аз рӯзҳои аввали истиқлолият ҳамчун такягоҳи асосии амният, субот ва ҳифзи якпорчагии кишвар нақши муҳим бозидаанд. Албатта, бунёд ва нигоҳдории амният, ки аз ҷониби ин абармардон побарҷост, заминаи зуҳури ҳиссиётҳои мусбии ҳар як фарди миллати тоҷик мегардад.

Яке аз зуҳуроти равшани чунин ҳиссиёт — эҳтиром ва арҷгузорӣ ба онҳост, ки амнияту суботи кишварро ҳифз менамоянд. Қувваҳои мусаллаҳ ҳамчун такягоҳи истиқлол ва амнияти миллӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ нақши муҳим доранд.

Дар иртибот ба ин масоил, метавон ба суханрониҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми хеш мавриди бедор намудани ҳисси ватандорию ватандӯстии

*(Идома дар саҳ. 12)*

# АРТИШИ МИЛЛӢ – ТАҶАССУМИ САДОҚАТ БА ДАВЛАТУ МИЛЛАТ



Шерматзода Б.,
н.и.с., дотсенти кафедраи сиёсатшиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

**Ташаккулёбии Артиши миллӣ яке аз муҳимтарин марҳилаҳои таърихи навини давлатдории тоҷикон ба шумор меравад. Баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зарурати таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи худ рӯ ба рӯ гардид. Зеро ҳар давлати мустақил барои ҳифзи тамомияти арзӣ, амният ва суботи ҷомеа бояд нерӯи низомии худро дошта бошад. Марҳилаи аввалини ташаккули Артиши миллӣ ба солҳои душвори аввали истиқлол рост омад. Кишвар дар вазъи мураккаби сиёсиву иҷтимоӣ қарор дошт ва ҷанги шаҳрвандӣ ба амнияту оромии ҷомеа таҳдид мекард. Дар чунин шароит таъсиси сохторҳои низомии миллӣ кори осон набуд. Бо вуҷуди ин, 23 феврали соли 1993 таъсиси расмии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид. Ин сана ҳамчун рӯзи таъсисёбии Артиши миллӣ дар таърихи давлат сабт шудааст.**

Дар солҳои аввал Артиши миллӣ бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ буд: норасоии таҷҳизот, камбуди мутахассисони ҳарбӣ ва пойгоҳи моддиву техникӣ. Аммо тадриҷан бо дастгирии роҳбарияти давлат ва саъю кӯшиши афсарону сарбозон сохтори муназзами низомӣ ба вуҷуд оварда шуд. Омодасозии кадрҳои ҳарбӣ, таъсиси муассисаҳои таълимии низомӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар рушди Артиши миллӣ нақши муҳим бозиданд. Пас аз барқарор гардидани сулҳу ваҳдати миллӣ, марҳилаи нави рушди Қувваҳои Мусаллаҳ оғоз ёфт. Ислоҳоти низомӣ, муҷаҳҳазгардонӣ бо техника ва таҷҳизоти муосир, баланд бардоштани сатҳи касбият ва интизоми хизматчиёни ҳарбӣ аз вазифаҳои асосӣ гардиданд. Имрӯз Артиши миллӣ ҳамчун нерӯи боэътимоди ҳифзи марзу буми кишвар ва таъминкунандаи амнияти миллӣ фаъолият мекунад. Таърихи ташаккулёбии Артиши миллӣ нишон медиҳад, ки он дар шароити бисёр душвор ба вуҷуд омада, тадриҷан рушд ёфтааст. Ин таърих намунаи равшани иродаи қавии давлат ва мардуми тоҷик дар роҳи ҳифзи истиқлолият ва суботи кишвар мебошад. Артиши миллӣ имрӯз рамзи қудрат, ваҳдат ва худшиносии миллии тоҷикон ба ҳисоб меравад.

Ҳар сол 23 феврал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Рӯзи Артиши миллӣ бо шукуҳу шаҳомати хос таҷлил мегардад. Ин рӯз барои ҳар як шаҳрванди кишвар, бахусус барои ҷавонон, рамзи ватандӯстӣ, садоқат ба Ватан ва эҳтиром ба ҳомиёни сулҳу субот мебошад. Артиши миллӣ яке аз пояҳои асосии давлатдорӣ ба шумор меравад. Пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ ҳамчун ниҳоди мустақил ва миллӣ аҳамияти бузурги таърихӣ дошт. Дар марҳилаҳои душвори ташаккули давлатдорӣ маҳз Артиши миллӣ барои ҳифзи тамомияти арзӣ, таъмини амният ва барқарорсозии сулҳу оромӣ нақши муҳим бозид. Имрӯз Артиши миллӣ ба як нерӯи муташаккил, соҳибтаҷриба ва муҷаҳҳаз табдил ёфтааст.

Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори асосии низомии давлат буда, барои ҳифзи истиқлолият, тамомияти арзӣ ва таъмини амнияти миллӣ фаъолият мекунанд. Онҳо аз якчанд намуди қӯшунҳо (нерӯҳо) иборат мебошанд.

1. Қӯшунҳои хушкигард (Қувваҳои заминӣ). Ин навъи асосӣ ва сершумортарини Қувваҳои Мусаллаҳ ба ҳисоб меравад. Қӯшунҳои хушкигард барои иҷрои амалиётҳои ҷангӣ дар хушкӣ, ҳифзи сарҳадоти заминӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои эҳтимолӣ пешбинӣ шудаанд. Ба ҳайати онҳо воҳидҳои мототирандоз, танкӣ, артиллерӣ, муҳандисӣ ва дигар ҷузъу томҳо дохил мешаванд.

2. Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ. Ин нерӯҳо барои ҳифзи фазои ҳавоии кишвар ва пешгирии ҳамлаҳои ҳавоӣ таъсис дода шудаанд. Вазифаи асосии онҳо назорат ва муҳофизати осмони кишвар, дастгирии қӯшунҳои заминӣ ва безарар гардондани воситаҳои ҳавоии душман мебошад.

3. Қӯшунҳои сайёр (десантӣ). Қӯшунҳои сайёр ё зудамал барои иҷрои вазифаҳои махсус ва фаврӣ пешбинӣ шудаанд. Онҳо метавонанд дар муддати кӯтоҳ ба минтақаҳои гуногун интиқол ёфта, амалиётҳои махсус, зиддитеррористӣ ва таъмини амниятро анҷом диҳанд.

Ғайр аз ин, дар низоми қудратии кишвар дигар сохторҳои ҳарбӣ низ фаъолият мекунанд, аз ҷумла:

- қӯшунҳои сарҳадӣ (ҳимояи марзи давлатӣ);
- гвардияи миллӣ;
- воҳидҳои Вазорати корҳои дохилӣ ва дигар сохторҳои қудратӣ.

Ҳамаи ин нерӯҳо дар ҳамоҳангӣ барои ҳифзи сулҳу субот, амнияти миллӣ ва манфиатҳои давлатӣ фаъолият менамоянд. Артиши миллӣ имрӯз ҳамчун такягоҳи боэътимоди давлатдорӣ ва рамзи истиқлоли кишвар арзёбӣ мегардад.

Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ на танҳо иҷрои қарзи шаҳрвандӣ, балки мактаби ҷасорату мардонагӣ, интизому масъулият ва дӯст доштани Ватан аст. Ҷавонон дар сафи артиш обутоб ёфта, рӯҳияи ватандӯстӣ ва эҳсоси ифтихори миллӣ дар онҳо тақвият меёбад. Ҷашни Артиши миллӣ фурсати муносибест барои арҷгузорӣ ба хизматчиёни ҳарбӣ, афсарону сарбозон, ки шабонарӯзӣ барои ҳифзи марзу буми кишвар омода мебошанд. Ин рӯз инчунин моро водор месозад, ки қадри сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллиро бештар донем, зеро амнияти давлат заминаи рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа мебошад. Артиши миллӣ сипари боэътимоди давлат ва такягоҳи устувори истиқлолият аст. Ҳар як шаҳрванд бояд бо эҳсоси масъулият ва ифтихор нисбат ба Ватан муносибат намояд ва дар таҳкими амнияту суботи кишвар саҳм гузорад. Рӯзи Артиши миллӣ рамзи қудрат, шуҷоат ва ваҳдати миллати тоҷик мебошад.

# АРТИШИ МИЛЛӢ – ПАЙКАРИ ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ТАКЯГОҲИ УСТУВОРИ ДАВЛАТ



Ишматова Тоҷинисо,
магистранти курси 1-и факултети математика ва информатика, ихтисоси математика

> **«Қувваҳои Мусаллаҳ яке аз рукнҳои муҳимтарини давлатдорӣ буда, сипари боэътимоди Ватан, ҳомии истиқлолият ва кафили сулҳу суботи ҷомеа мебошанд.»**
>
> **Эмомалӣ Раҳмон**

Артиши миллӣ ҳамчун муҳимтарин ниҳоди давлатӣ ва рамзи соҳибихтиёрии ҳар кишвар маҳсуб меёбад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1991 соҳибистиқлол гардид, таъсиси Артиши миллӣ яке аз муҳимтарин дастовардҳои давронӣ истиқлолияти ба шумор меравад.

Артиш як институти иҷтимоӣ ва мақомоти давлатиест, ки барои таҳкими ҳокимияти сиёсӣ, амалӣ гардидани сиёсати давлатӣ ва ҳифзи тамомияти арзиву ҳудудии кишвар таъсис дода мешавад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қувваҳои Мусаллаҳ ташкилоти ҳарбии давлатӣ буда, асоси мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд ва барои муҳофизати мусаллаҳонаи истиқлолият ва тамомияти арзӣ таъин гардидаанд .

Таърихи артишдорӣ дар миллати тоҷик решаҳои қадимӣ дорад. Дар китоби Авесто нахустин маълумот дар бораи дастаҳо ва гурӯҳҳои махсуси мусаллаҳ ба чашм мерасад. Аҷдодони мо бори аввал дар даврони давлатдории Ҳахоманишиён (550-330 то милод) артиши касбӣ ташкил намуда буданд. Артишҳои давлатҳои Сосониён (224-651) ва Сомониён (875-999) дар замонашон яке аз пурқудраттарин артишҳо ба шумор мерафтанд. Дар осори адабӣ низ мавзуи артиш ва ҷанг мавқеи хосса дорад. Ҳаким Фирдавсӣ дар "Шоҳнома" таърихи илми ҳарбиро аз қадим то асри X-и мелодӣ ба назм тасвир намудааст. Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва дигарон низ ин мавзуро дар эҷодиёти худ инъикос кардаанд.

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва эълони истиқлолияти Тоҷикистон дар 9 сентябри соли 1991, кишвар ба марҳилаи нави давлатсозӣ қадам гузошт. Аммо ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) ва ноустувории сиёсӣ зарурати таъсиси артиши мустақилро ба миён овард.

Раванди таъсиси Артиши миллӣ бо қабули як қатор санадҳои муҳими ҳуқуқӣ оғоз гардид:

4 январи соли 1992 – Фармони Президент дар бораи ташкили Кумитаи мудофиа;

17 сентябри соли 1992 – Фармон «Дар бораи таъсиси Вазорати мудофиа»;

18 декабри соли 1992 – Қарори Шурои Олии Тоҷикистон дар бораи таъсиси «Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

23 феврали соли 1993 нахустин паради ҳарбии Артиши миллии Тоҷикистон дар майдони «Дӯстӣ»-и шаҳри Душанбе баргузор гардид ва ин рӯз расман ҳамчун Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронӣ дар чорабинии тантанавӣ ба ифтихори 26-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ гуфта буданд: «Вақте ки қарор дар хусуси таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ қабул гардид, мо на Вазорати мудофиа доштем, на иншооти инфрасохторӣ, на заминаи зарурии моддиву техникӣ ва на мутахассисону кадрҳои касбӣ».

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаҳои асосии Қувваҳои Мусаллаҳ иборатанд аз:

1. Ҳифзи фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Муҳофизати сарҳади давлатӣ;
3. Ташкил ва пешбурди мудофиаи ҳудудӣ;

Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 1997 аз се навъи қӯшун: қӯшунҳои хушкигард, қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ иборат буданд.

Артиши миллӣ на танҳо ҳифзи сарҳадҳоро таъмин намуд, балки дар барқарорсозии сулҳу ваҳдати миллӣ ва пешрафти иқтисодӣ саҳми бузург гузошт. Дар солҳои аввали истиқлолият, Артиши миллӣ дар ҳалли низоъҳои дохилӣ ва таҳдидҳои беруна нақши калидӣ бозид ва дар пешгирии ҷудоихоҳӣ саҳм гузошт. Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ҳамзамон мактаби муҳими тарбияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва масъулиятшиносии шаҳрвандӣ мебошад. Ҷавонон дар ин мактаб эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ, садоқат ба Ватан, интизом ва матонатро меомӯзанд ва ҳамчун шаҳрвандони фаъол ва ватандӯсти ҳақиқӣ ба камол мерасанд.

Имрӯз Артиши миллии Тоҷикистон бо зиёда аз 50 давлати хориҷи дуру наздик ҳамкориҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникӣ дошта, машқҳои муштараки ҳарбӣ, чорабиниҳои ҳарбӣ-варзишӣ ва табодули таҷрибаро амалӣ менамояд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва пайдоиши таҳдидҳои нав, аз қабили терроризми байналмилалӣ ва экстремизм, Артиши миллӣ ҳамчун омили ҳифзи фарҳанг ва арзишҳои миллӣ баромад мекунад ва ҷавононро дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия менамояд.

# АРҶ ГУЗОШТАН БА ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ ҲАМЧУН МЕҲВАРИ ҲИССИЁТИ АХЛОҚӢ

*(Аввалаш дар саҳ. 10)*

ҷавонони кишвар хеле бо маврид қайд намуда будаанд назар афканем: "Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд".

Албатта, дар партави суханҳои Пешвои муаззами миллат бояд гуфт, ки арҷ гузоштан ба хизматчиёни ҳарбӣ маънои эътирофи заҳмат, фидокорӣ ва омодагии онҳо барои ҳифзи Ватанро дорад. Ин эҳсосот дар заминаи чунин арзишҳо ташаккул меёбанд:

- Ватандӯстӣ – муҳаббат ба сарзамин ва омодагӣ барои ҳимояи он;
- Қарзи шаҳрвандӣ – дарки масъулият дар назди давлат ва ҷомеа;
- Эҳтиром ба қонун ва тартибот – эътирофи нақши Қувваҳои мусаллаҳ дар нигоҳдории субот;
- Ҳамраъйӣ ва ҳамбастагӣ – пуштибонӣ аз муҳофизони кишвар дар ҳар шароит.

Табиист, ки ҳар ҷомеае, ки чунин арзишҳоро гиромӣ медорад, дорои пояҳои мустаҳками ахлоқӣ мебошад.

Ногуфта намонад, ки тарбияи эҳтиром гузоштан ба Қувваҳои мусаллаҳ аз оила, мактаб ва муҳити иҷтимоӣ оғоз мeёбад. Омӯзиши таърихи миллӣ, шиносоӣ бо қаҳрамонони Ватан ва баргузории чорабиниҳои ватандӯстона ба таҳкими ин маърифат мусоидат мекунанд. Ҷавонон, ки дар рӯҳияи эҳтиром ва масъулият тарбия меёбанд, дар оянда шаҳрвандони фаъол ва содиқ мегарданд.

Ҳамин аст, ки баъди ба даст овардани истиқлол, зарурати таъсиси неруҳои ҳарбии миллӣ ба миён омад. 23-юми феврал ҳамчун рӯзи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ пазируфта шуда, ҳамасола бо баргузории чорабиниҳои тантанавӣ, парадҳои ҳарбӣ ва вохӯриҳои идона ҷашн гирифта мешавад. Ин рӯз на танҳо ҷашни низомиён, балки ҷашни тамоми шаҳрвандон аст, зеро амният ва сулҳ пояи рушди давлат ба ҳисоб меравад. Дар ин рӯз дар шаҳру ноҳияҳои кишвар чорабиниҳои фарҳангӣ, суҳбатҳои тарбиявӣ, мулоқот бо собиқадорон ва аёдати қисмҳои ҳарбӣ баргузор мегарданд. Мактабҳо ва муассисаҳои таҳсилотӣ барномаҳои ватандӯстона ташкил намуда, ба хонандагон дар бораи таърихи Артиши миллӣ маълумот медиҳанд. Ин иқдомҳо барои тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи эҳтиром ба давлату миллат аҳамияти калон доранд.

Қайд кардан бо маврид аст, ки ҳангоми арҷгузорӣ ба хизматчиёни ҳарбӣ ҷомеа на танҳо ба як ниҳод, балки ба худи арзишҳои ахлоқии худ эҳтиром мегузорад. Ин раванд ҳисси иттиҳод, эътимод ва суботро тақвият мебахшад. Дар шароити ҷаҳони муосир, ки таҳдидҳои гуногун мавҷуданд, ҳамбастагии шаҳрвандон бо Қувваҳои мусаллаҳ омили муҳими пойдории давлат ба ҳисоб меравад.

Арҷ гузоштан ба Қувваҳои мусаллаҳ танҳо расмиёти зоҳирӣ нест, балки таҷассумгари сатҳи баланди маърифати ахлоқии ҷомеа мебошад. Ин эҳсосот аз виҷдону масъулият, ватандӯстиву садоқат сарчашма мегиранд. Ҷомеае, ки муҳофизони худро эҳтиром мекунад, дар асл арзишҳои инсондӯстӣ, адолат ва суботи худро ҳифз менамояд.

Хуллоса, бояд тазаккур дод, ки 23-юми феврал — Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон — рамзи ифтихор, садоқат ва суботи миллӣ мебошад. Арҷгузорӣ ба ин рӯз нишонаи камолоти маънавӣ ва шуури баланди шаҳрвандӣ аст. Ҷомеае, ки муҳофизони худро гиромӣ медорад, дар асл арзишҳои истиқлол, сулҳ ва ваҳдати миллиро пос медорад. Рӯзи абармардони миллат муборак бошад.

# БОРБАД ЧЕҲРАИ ТОБНОКИ ФАРҲАНГИ ХАЛҚИ ТОҶИК

**(Дар партави пешниҳоди навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ворид намудани номи Борбади Марвазӣ ба Феҳристи шахсиятҳои барҷастаи фарҳангии ЮНЕСКО)**

> **«Борбад, ки дар асрҳои шашуму ҳафтуми мелодӣ – дар замони давлатдории Сосониён – зиндагӣ ва эҷод кардааст, аз ҷониби олимону коршиносони маъруфи дунё ҳамчун яке аз аввалин донандагони илми мусиқӣ ва оҳангсози касбии қаламрави ориёӣ эътироф гардидааст».**
>
> **Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**

Яке аз намоёнтаин зиёии тоисломии ниёгони мо ин бешак Борбад мебошад. Ӯ дар аҳди ҳукмронии сулолаи ориёии Сосониён, тахминан давоми солҳои 585 – 628 ҳаёт ба сар бурдааст. Бинобар сабабе, ки Борбад дар ҳунари сарояндагию навозандагӣ дарку фаҳми воло дошту тарғибгари асрори мусиқии замони худ буд, ҳамеша мавриди эҳтироми хосу ом гардид. Давраи авҷи камолоти ҳунарии ӯ ба аҳди шоҳаншоҳии Хусрави Парвизи Сосонӣ (590 – 628) рост меояд. Бинобар маълумоти «Шоҳнома»-и А. Фирдавсӣ дар соли 28-уми ҳукмронӣ шоҳаншоҳ Борбадро ба дарбор ҷалб намуда, сарвари ромишгарони дарбор таъин мекунад. Бо омадани Борбад ба дарбор муҳити ҳунари мусиқии дарбор такомули ҷиддӣ дида, ҳунари мусиқидонону мутрибоне чун Накисо, Саркаб, Ромтин, Озодвори Чангӣ, Бомшод, Гесуи Навогар, Фитна ва ғайра, боз такмил ёфт.

Борбад дар замони худ бо он ҳунару истеъдоде, ки дошт тавонист дар мусиқии мо инқилобе ба вуҷуд орад. Аз ин лиҳоз дуруст аст, ки ӯро бисёри донишмандони асосгузори мусиқии Машриқзамин меноманд. Аз рӯи нигоштаи Насируддини Тӯсӣ «Борбади Марвӣ устоди барбатӣ ва овоз буда биноидо лаҳун (лаҳн, оҳангҳо) ағонии (сурудҳо) Аҷамро, ки 360 дастон ва 30 пардаи мусиқист, танзим ва тасниф намуд...». Ин нуктаро профессор Аскаралӣ Раҷабов ба риштаи таҳлил кашида қайд мекунад, ки дар давоми фаъолияти эҷодии хеш Борбад муаллифи 7 дастони «Хусравонӣ» гардида, инчунин ӯ бунёдгузори сабки «Марвисраишних» (марвихонӣ), муассис ва танзимгари «тақвими мусиқӣ» дар тамаддуни мусиқии мардуми Шарқи Миёнаву Наздик, тадвингари аввалин мактаб, равияи устодонаи иҷроӣ ва ғайра ба шумор меравад. Дар заминаи си лаҳни Борбад баъдан мусиқии класикии "шашмақом" шакл гирифтааст.

Дар дарбори Сосониён Борбад дар табақабандии даста, гурӯҳҳои ҳунарӣ, коргузории гурӯҳҳо (мусиқии дарборӣ, ҳарбӣ, маросимӣ, размӣ, базмӣ...) нақши калон гузошта, барои чунин гурӯҳҳо таснифоти мусиқӣ сохтааст.

Борбад ва муҳити фарҳангие, ки ӯ дар дарбори Сосониён эҷод кард собит менамояд, ки воқеан ӯ чеҳраи нотакрори замони худ буд. Дар нигоштаҳои донишмандони асримиёнагӣ, аз ҷумла Саолибӣ ва Фирдавсӣ ишора мешавад, ки то омадани Борбад ба дарбор сарвари мутрибон Саркаш буд. Аммо замоне Саркаш бишунид, ки Борбад ӯро дар ин мақом иваз мекунад хело ошуфта гардид зеро дақиқ медонист, ки бо омадани Борбад ба дарбор дигар аз шукуҳи ҳунари вай чизе намемонад. Аз ин рӯ талош кард ба дарбориён ришваҳо диҳад то назди шоҳ аз Борбад ситоиш накунанд, яъне Саркаш дар симои Борбад рақиби худро медид... . Ҳамаи ин албатта гувоҳӣ аз шуҳрату шони ҳунари Борбад медиҳад.

Агар хонандаи азиз таваҷҷуҳ намуда бошанд, имрӯзҳо аз ҷониби афроди алоҳидае, ки чандон аз таърихи фарҳанги бойи мо дарак надоранд ва ё нотавонбин ҳастанд чунин андешаҳое садо медиҳад, ки гӯё мо то густариши ислом соҳиби ҳеҷ ганҷинаҳои фарҳангию илмӣ набудем. Албатта ин гуфтаҳо бебунёд буданашон барои аҳли илм баръало маълум аст, аммо баъзан ҳамватанони ноогоҳи мо ба ин гуфтаҳо такя намуда чунин ҳарфҳоро талқин мекунанд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ ба суди давлату миллат нест. Мо дар илми таърих мислоҳои зиёде дорем, ки дур аз мантиқ ва ҳақиқат будани ин гуфтаҳоро инкор мекунад, аммо суханро ба дарозо накашида, танҳо мисол овардани рӯзгору эҷоди Борбади ромишгар бори дигар собит мекунад, ки ниёгони мо дар он рӯзгорон дорои ақлу заковати воло буданд...

Дар Паёми охир хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (декабри соли 2025) пешниҳод намуданд, ки бо дарназардошти саҳми таърихии Борбади Марвазӣ дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ, вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва фарҳанг ҷиҳати ба Феҳристи шахсиятҳои барҷастаи фарҳангии ЮНЕСКО ворид намудани номи ӯ тадбирҳои зарурӣ андешанд. Саволе инҷо пайдо мешавад, ки ҷониби Тоҷикистон дар кадом асос чунин тасмим гирифтааст ва он чӣ аҳамияте дошта метавонад? Барои посух ба ин савол мехоҳам чанд далелро манзури хонандагон гардонам:



**Давлатшоҳ Маҳмудов, омӯзгори факултаи таърих ва ҳуқуқи ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

1. Вақто ҷониби Тоҷикистон ин тасмимро рӯи даст мегирад аз ҳар лиҳоз ҳақ дорад, зеро Борбад зодаи шаҳри қадимаи тоҷикон – Марв буда, пеш аз ҳама як нафар аз мардумони ориёӣ аст ва ҷадди мост. Имрӯз Тоҷикистон ягона кишваре дар ҳавзаи сарзамини таърихии ориёиҳо мебошад, ки чун ворисӣ арзанда ин рисолатро пеш мебарад;
2. Борбад дар рушду равнақи мусиқии сунатии тоҷикон нақши калидӣ гузошта ба ин васила дар таърих бо номи поягузори мусиқӣ эътироф гардидааст;
3. Саҳми Борбад дар пешрафту такомули на танҳо мусиқии тоҷикон, балки мусиқии халқҳои ҳамҷавор низ хело калон аст. Бинобар таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ румиҳою туркҳо, арабҳо ва ҳатто чиниҳо ба санъати мусиқии Сосониён, пас аз ба дарбор ҷалб шудани Борбад бештар таваҷҷуҳ менамуданд. Бо назардошти ин Борбад чехраи тобноки таърихи фарҳанги халқҳои Шарқ маҳсуб мешавад;
4. Дар зери таъсири Борбад муҳити фарҳангии Сосониён равиши тозае ба худ касб кард, ки дар он ҳама халқҳо новобатса аз фарқиятҳои ҷинсию нажодӣ ва миллию фарҳангӣ худро дида метавонистанд. Ҳамин аст, ки аксари муаллифони арабзабон, ки ба фарҳанги тоисломии мо чандон нигоҳи нек надоранд аз Борбад ба некӣ ёд мекунанд. Қариб тамоми мутахасисони таърих фарҳанги шарқ ҳангоми таҳқиқотҳои хеш аз Борбад ёд намудаанд. Яъне эҷодиёти Борбад ҳамин гуна хислатҳои волои инсониро тараннум менамуд. Аз ин ҷиҳат метавон гуфт, ки Борбад дар замони худ насли башариро бо эҷодиёти хеш ба ваҳдату ҳамгирой ҳидоят менамуд;

*(Идома дар саҳ. 15)*

# ИСТИФОДАИ ХОКИСТАРИ НЕРӮГОҲҲОИ БАРҚИ ҲАРОРАТИИ ДУШАНБЕ-1 ВА ДУШАНБЕ-2 БАРОИ ИСТЕҲСОЛИ МАСОЛЕҲИ БИНОКОРӢ

**Мутобиқи Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2023, № 432) ва Барномаи давлатии маърифати экологӣ барои солҳои 2024-2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2023, № 526), масъалаи ҳифзи муҳити зист, паст кардани ҳаҷми партовҳои саноатӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои кампартову бепартов ба сифати самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии экологӣ эътироф гардидаанд. Дар ин ҳуҷҷатҳои стратегӣ зарурати гузариш ба моделҳои нави истеҳсолот, истифодаи такрории захираҳо, баланд бардоштани фарҳанги экологӣ ва коҳиши таъсири манфии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ба саломатии аҳолӣ ва экосистемаҳо таъкид менамояд.**

Дар шароити шаҳри Душанбе масъалаи ифлосшавии муҳити зист танҳо ба фаъолияти корхонаҳои калони саноатӣ маҳдуд карда намешавад. Манбаъҳои партовҳои зараровар, аз ҷумла нерӯгоҳҳои барқии ҳароратӣ ва ҳамомҳое, ки дар ҳудуди шаҳр фаъолият намуда, ангиштро ба сифати сӯзишворӣ истифода мебаранд, ба вазъи экологӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Ҳамзамон, ҳиссаи асосии ифлосшавии атмосфераи пойтахт ба фаъолияти воситаҳои нақлиёте вобаста аст, ки бо газ ва бензин ҳаракат менамоянд. Маҷмӯи ин омилҳо боиси афзоиши ифлосшавии ҳаво ва ташаккули мушкилоти ҷиддии экологӣ дар муҳити шаҳрӣ гардидааст.

Фаъолияти нерӯгоҳҳои барқи ҳароратии Душанбе-1 ва Душанбе-2 бо ихроҷи партовҳои сахт ва газмонанд ба муҳити зист ва саломатии аҳолии минтақаҳои ҳамшафати шаҳр, аз ҷумла маҳаллаҳои Лучоб (Хуҷанбиё), таъсири номатлуб мерасонад. Хокистар ва дуди ҳосилшуда дар натиҷаи сӯзонидани ангишт сабаби паст гардидани сифати ҳаво ва ифлосшавии манбаъҳои оби ошомиданӣ мегарданд, ки ин ҳолат ба зиёдшавии бемориҳои роҳҳои нафас, ҳолатҳои аллергӣ ва дигар бемориҳои вобаста ба муҳити зист мусоидат менамояд. Афзоиши ҳаҷми чунин партовҳо ҳамзамон ба зерсохторҳои маҳаллӣ таъсири манфӣ расонида, сатҳи зиндагии аҳолиро коҳиш медиҳад ва хавфҳои экологиро зиёд менамояд.

Бо вуҷуди аҳамияти истифодаи самараноки партовҳои саноатӣ, дар шароити имрӯза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон технологияҳои муосир барои коркарди хокистари нерӯгоҳҳои барқи ҳароратӣ ба таври кофӣ татбиқ нагардидаанд. Ин вазъ имкониятҳои истифодаи устувор ва камсарфи захираҳои сӯзишвориро маҳдуд намуда, зарурати ҷорӣ намудани лоиҳаҳои инноватсионӣ ва роҳандозии усулҳои нави коркарди партовҳоро дар ин самт ба миён меорад.

Таҷрибаи кишварҳои рушдёфта нишон медиҳад, ки хокистари ҳосилшуда дар нерӯгоҳҳои барқи ҳароратӣ на ҳамчун партови ниҳоӣ, балки ба сифати ашёи хоми муҳими саноатӣ истифода мегардад. Дар чунин кишварҳо хокистар дар истеҳсоли маҳсулоти саноати химия ва масолеҳи бинокорӣ мавқеи устувор дошта, ба коҳиши хароҷоти истеҳсолот ва паст гардидани таъсири манфии экологӣ мусоидат менамояд. Бо дарназардошти ин таҷриба, коркарди хокистари нерӯгоҳҳои барқи ҳароратӣ ва табдили он ба масолеҳи бинокорӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хос дошта метавонад.

Таҳияи лоиҳаҳо ва татбиқи онҳо барои беҳбудии иқтисодиёти кишвар аҳамияти муҳим доранд. Лоиҳаи мавриди таҳқиқ, ки дар доираи ин тадқиқот коркард мешавад, ба ҳалли масъалаҳои истифодаи самараноки хокистари нерӯгоҳҳои барқи ҳароратӣ равона гардидааст. Амалӣ намудани чунин лоиҳаҳо имкон медиҳад, ки ҳам таъсири манфии экологӣ коҳиш ёбад, ҳам иқтидори истеҳсолии маҳаллӣ афзоиш ёбад ва ҳам ба рушди иқтисоди «сабз» дар мамлакат мусоидат намояд. Лоиҳаи пешниҳодшуда ба коркарди хокистари нерӯгоҳҳои барқи ҳароратии Душанбе-1 ва Душанбе-2 ва истифодаи он дар истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ, аз ҷумла семент, хишт ва блокҳои бетонӣ равона гардидааст. Татбиқи чунин равиш имконият фароҳам меорад, ки таъсири манфии партовҳои саноатӣ ба муҳити зист коҳиш ёфта, иқтидори истеҳсолии маҳаллӣ афзоиш ёбад ва замина барои рушди иқтисоди «сабз» ташаккул дода шавад. Иҷрои лоиҳа ба амалисозии ҳадафҳои стратегии кишвар дар самти истеҳсолоти кампартов, беҳдошти муҳити шаҳрӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ мусоидат менамояд.

Мақсади лоиҳа таҳия ва амалӣ намудани технологияҳои истеҳсолӣ барои табдил додани хокистари нерӯгоҳҳои барқи ҳароратии Душанбе-1 ва Душанбе-2 ба масолеҳи бинокорӣ бо мақсади кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист ва баланд бардоштани сатҳи иқтисодию иҷтимоӣ ва экологӣ дар маҳаллаи Лучоб мебошад.

Барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда лоиҳаи мазкур ба ҳалли вазифаҳои зерин равона гардидааст:

1. Муайян намудани хосиятҳои физикӣ ва химиявии дуд ва хокистари нерӯгоҳҳои Душанбе-1 ва Душанбе-2;
2. Интихоб ва ҷорӣ намудани технологияҳои нави истеҳсолӣ барои истеҳсоли семент, хишт ва блокҳои бетонӣ;
3. Баҳогузории сифати масолеҳи бинокории истеҳсолшуда;
4. Муайян намудани самаранокии иқтисодӣ ва бехатарии экологии технологияҳои нави пешниҳодшуда;
5. Муайян намудани паҳлуҳои танзими иқтисодӣ, андозбандӣ ва боҷҳои давлатӣ вобаста ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот.

Навгониҳои илмии лоиҳа - истифодаи усулҳои физикӣ ва химиявии коркарди дуд ва хокистар, ҷорӣ намудани системаҳои самараноки филтратсия ва тозакунии дуд, баҳодидиҳии иқтисодии хосиятҳои масолеҳи бинокории истеҳсолшуда ва мутобиқсозии он ба таҷрибаи байналмилалии мамлакатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Чин, Олмон ва Ҳиндустон.

Аз нигоҳи иқтидори экологӣ - татбиқи лоиҳа ба коҳиш ёфтани ҳаҷми дуд ва хокистар дар маҳаллаи Лучоб, беҳтар гардидани сифати ҳавои атмосферӣ ва ҳифзи манбаъҳои оби ошомиданӣ мусоидат менамояд.

Аз нигоҳи иқтисодӣ - лоиҳа имконияти ба даст овардани фоида аз фурӯши масолеҳи бинокорӣ, таъмини ширкатҳои сохтмонӣ ба маҳсулоти ватанӣ, рушди саноати маҳаллӣ ва паст кардани хароҷот вобаста ба нигоҳдорӣ ва безараргардонии партовҳоро фароҳам меорад.

Аз нигоҳи иҷтимоӣ - таъсиси ҷойҳои нави корӣ барои аҳолии маҳалӣ, такмил ва рушди иқтидори кадрӣ, баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ҳифзи солимии аҳолӣ аз бемориҳо вобаста ба ифлосшавии муҳити зист.

Аз нуқтаи назари илмӣ - лоиҳа ба татбиқи ҳамгироии илм ва истеҳсолот, рушди таҳқиқоти соҳавӣ, нашри натиҷаҳои илмӣ ва таҳияи технологияҳои муосири коркарди партовҳо замина мегузорад.

Ҷараёни мубадали хокистар ба масолеҳи бинокорӣ:

1. Хокистари Душанбе-1 ва Душанбе-2;
2. Ҷудо кардани хокистар ва моддаҳои зарарнок;
3. Тозакунии хокистар (филтрҳо ва системаи тозакунӣ);
4. Табдил додан ба масолеҳи бинокорӣ:
5. Семент
6. Хишт
7. Блокҳои бетонӣ
8. Фурӯш ба бозори маҳаллӣ ва минтақавӣ
9. Баланд бардоштани иқтисоди сабз ва устувории экологӣ

Фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва нерӯгоҳҳои барқи ҳароратӣ дар тағйирёбии иқлим, ифлосшавии ҳавои атмосферӣ ва муҳити зист таъсиргузор мебошанд. Ихроҷи дуд ва хокистар ба ҳаво ва манбаъҳои об ба саломатии аҳолӣ ва экосистемаҳо таъсири манфӣ мерасонад. Мутобиқ ба Стратегияи рушди иқтисоди "сабз" (ҶТ, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №432, с. 2023) ва Барномаи давлатии маърифати экологӣ (ҶТ, Қарори Ҳукумат №526, 2023), истифодаи технологияҳои бепартову кампартов ва коркарди партовҳои саноатӣ ба сифати манфиатовари сиёсати давлатӣ эътироф шудааст. Дар ин замина, таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ барои истифода ва коркарди хокистари нерӯгоҳҳо ва табдили онҳо ба маҳсулот имконият медиҳад, ки таъсири манфии экологӣ коҳиш ёбад, иқтидори истеҳсолии маҳаллӣ афзоиш ёбад ва рушди иқтисоди "сабз" дар пойтахт ва мамлакат таъмин гардад. Амалӣ намудани чунин лоиҳаҳо намунаи муҳим барои ҳамгироии ҳифзи муҳити зист бо рушди иқтисодӣ ва татбиқи технологияҳои кампартову бепартов ба ҳисоб меравад.

Лоиҳа дар асоси талаботҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», Қонуни ҶТ «Дар бораи саноат ва истеҳсолот», Стандарти миллии ҶТ барои масолеҳи бинокорӣ ва партовҳо, Қонуни ҶТ «Дар бораи андозҳо ва пардохтҳои давлатӣ», Барномаи давлатии тарбия ва маърифати экологӣ барои солҳои 2024–2030 ва Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» барои давраи то соли 2030 таҳия гардидааст.

**Натиҷаҳои пешбинишуда:**

1. Дар доираи лоиҳа технологияи коркарди хокистари ангишт бо истифода аз усулҳои физикӣ-химиявӣ (гранулизатсия, фаъолсозӣ, модификатсия бо иловаҳои минералӣ) таҳия гардида, ба истеҳсоли семент, хишт ва блокҳои бетонӣ мутобиқ карда мешавад. Ин раванд боиси баланд гардидани устуворӣ, зичӣ ва муқовимати маҳсулоти тайёр мусоидат менамояд. Маҳсулоти ҳосилшуда на танҳо ба стандартҳои миллӣ мувофиқат мекунад, балки метавонад ба талаботи байналмилалӣ низ ҷавобгӯ бошад.

2. Таҳлилҳои экологӣ нишон медиҳанд, ки дар натиҷаи коркарди дуд ва хокистари нерӯгоҳҳои ҳароратӣ, сатҳи моддаҳои мухталиф, аз ҷумла: PM2.5, PM10, оксидҳои сулфур ва металлҳои вазнин ба таври назаррас коҳиш меёбанд. Коҳишёфтани партовҳои хокистарӣ на танҳо ба тозагии атмосфера, балки ба пешгирии ифлосшавии қабатҳои болоии хок ва обҳои зеризаминӣ низ мусоидат менамояд. Ин боиси беҳтар гардидани вазъи экологӣ дар минтақаи таъсири нерӯгоҳҳои ҳароратӣ мегардад.

3. Дар раванди татбиқи лоиҳа маълумотҳои нави илмӣ оид ба хосиятҳои химиявӣ, минералогӣ ва технологӣ-физикии хокистари ангишт ба даст меояд. Маълумотҳои таҳқиқ гардида, метавонад барои таҳияи стандартҳои нав, такмили методҳои коркард, таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ, нашри мақолаҳои илмӣ ва иштироки мутахассисон дар конфронсҳои байналмилалӣ замина гузорад.

Инчунин маълумоти нав барои моделсозии самаранокии экологӣ ва иқтисодӣ истифода мешавад.

4. Бо таъсиси коргоҳҳои хурд ва миёна барои коркарди хокистар ва истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ, тақрибан 20–30 ҷойҳои корӣ таъсис дода мешавад. Ин ба коҳиши сатҳи бекорӣ, баланд бардоштани даромади аҳолӣ ва рушди фаъолияти иқтисодии маҳал мусоидат менамояд.

5. Коҳиши ифлосшавии атмосфера ва об, пастшавии сатҳи бемориҳои роҳҳои нафас ва аллергия, беҳтар шудани муҳити зист ва ташкили ҷойҳои корӣ ба беҳтар шудани нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-демографӣ мусоидат мекунад. Дар натиҷа сатҳи саломатӣ, қобилияти корӣ ва шароити зиндагии аҳолӣ тадриҷан беҳтар мегардад, ки ин ба нишондиҳандаҳои рушди устувор мувофиқат мекунад.

6. Дар доираи лоиҳа механизми андозбандии истеҳсолот мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пардохти андозҳо» аз ҷумла: андоз аз фоида, андози арзиши иловашуда (ААИ), пардохтҳои экологӣ ва риояи стандартҳои техникиву санитарӣ ба роҳ монда шудааст.

Фаъолияти истеҳсолӣ мутобиқи талаботи қонунгузории миллӣ, стандартҳои экологӣ ва санадҳои меъёрии байналмилалӣ роҳандозӣ гардида, танзими дурусти ҳуқуқӣ, заминаи устувор барои ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ низ фароҳам меорад.

Бо дарназардошти хусусияти технологӣ, экологӣ ва иқтисодии лоиҳа, ҷалби сарчашмаҳои гуногуни молиявӣ, аз ҷумла: ташкилотҳои бинокорӣ ва истеҳсолӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ (UNDP, JICA, GIZ, ADB), корхонаҳои саноатӣ («Тоҷиксемент», «Фароз», ширкатҳои истеҳсоли бетону хишт), марказҳои илмӣ ва пажӯҳишгоҳҳо, грантҳои давлатӣ ва барномаҳои ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои байналмилалии экологии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, сармоягузорони хусусӣ (соҳибкороне, ки ба истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ, сохтмон машғуланд) ва худи корхонаҳои энергетикӣ ва саноатӣ (Душанбе-1, Душанбе-2) метавонанд ҳамчун сармоягузори мустақим ширкат варзанд.

Бо татбиқи пурраи технологияи коркарди дуд ва хокистар ба масолеҳи бинокорӣ, лоиҳа дорои дурнамои илмӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ буда, барои 5-10 сол пешбинӣ шудааст.

Хулоса, татбиқи технологияҳои истеҳсолии масолеҳи бинокорӣ аз дуд ва хокистари нерӯгоҳҳои Душанбе - 1 ва Душанбе - 2 барои оянда имкониятҳои бузург дорад. Лоиҳа номбурда ҳам ба манфиати муҳити зист ва ҳам ба манфиати иқтисоди маҳаллӣ буда, ҳамчун тиҷорати мустақил ва барои коҳиш додани таъсири манфии нерӯгоҳҳои ҳароратӣ замина мегузорад.



**Мадисоева Мавзуна, донишҷӯйи курси 4-уми ихтисоси менеҷменти молиявии факултети иқтисод ва идораи ДДОТ ба номи С. Айнӣ**
**Исматова Ш. – роҳбари илмӣ, ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ**

# ТАРБИЯИ КАСБОМӮЗӢ ВА ГИРОМИДОШТИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ВА МЕРОСИ НИЁГОН

**Дар «Авасто» омадааст, ки: «Марди муқаддас он аст, ки дар ин дунё ҷойгоҳе бисозад ва оташу маоши зану фарзанд ва галлаҳои хуб дар он нигоҳ дорад. Ҳар ки гандум ба амал меоварад ва дар арозӣ дарахти мева менишонад, ӯст, ки тухми сафо кошта ва қадри сад қурбонӣ дини Аҳуромаздоро баст додааст». Ҳанӯз дар ҳамон замонҳо коҳилию танбалиро мазаммат карда, мардумро огоҳ намуданд, ки аз он дар ҳазар бошанд. «Аз коҳилӣ барҳазар бош, то аз анҷоми вазифа бознамонӣ» («Минӯи хирад»).**



**Азизова Ф.Ш.,**
**омӯзгори кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии факултети педагогикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

Панди ҳамеша дар ҳаракат будану аз коҳилӣ парҳез кардан дар ҳикмати Ҳинди қадим ҳам таъкид ёфтааст: «Чун дарёи пурталотум ҳамеша дар ҳаракат бошед ва доимо бикӯшед, аз коҳилӣ ва танбалӣ бипарҳезед».

Ҳама ба дунё меоянд, ки зиндагии осоишта ва муфарраҳ дошта бошанд, ҳам худ ва ҳам фарзандонашон аз неъмати дунёю хушиҳои он бархӯрдор бошанд. Ин ҳуқуқи шаҳрвандии онҳост. Вале оё ҳама медонанд, ки чунин зиндагӣ марбут аст ба худи онҳо, ба заҳмату ранҷи онҳо? Фирдавсӣ мефармояд:

Таносоиву коҳилӣ дур кун,
Бикӯшу зи ранҷи танат сур кун.

Беҳтарин восита ва манбаи зиндагӣ ҳунар аст. Ҳунар барои инсон бори сангин нест, баръакс ҳунар қадру қимати инсонро меафзояд. Ҳунар омӯхтан ҳеҷ гоҳ дер намешавад. Вале барои он ки инсон аз ҳунар ҳар чӣ бештар нафъ бардорад, аз хурдӣ бояд онро омӯзад. Солҳои мутамаддин бо сабабҳои гуногуне мо ҳунарҳои зиёдеро аз даст додем, фаромӯш кардем. Яке аз иллатҳои дар рӯзҳои мо бекор мондани ҷавонон ҳам дар ҳамин аст. Ҳунар, ки нест, ҷавонон намедонанд худро ба куҷо зананд.

Албатта, одамро аз рӯзи азал ризқест, ки агар насиб карда бошад, меҳӯрад. Вале ин чунин маъно надорад, ки одам пойҳояшро дароз карда бишинад ва дар пайи он шавад, ки кай луқмае аз куҷо мерасад. Инсон бояд табиати ҷӯяндагӣ дошта бошад. Коҳилию танбалиро аз тан дур карда, худро ба ранҷу кору заҳмат бизанад, бикӯшад, биҷӯяд, биомӯзад. Ҳикояте аз Саъдии бузургворро ин ҷо овардан бамаврид аст:

Писаре аз сафар баргашт ва аз ранҷу азобе, ки кашида буд, ба падар нақл кард.

Падар гуфт:

— Эй писар, нагуфтамат дар ҳолати рафтан, ки тиҳидастонро дасти далерӣ баста аст ва панҷаи шерӣ шикаста?

Писар гуфт:

— Эй падар, ҳар ойина то ранҷ набари, ганҷ наёбӣ ва то ҷон бар хатар нанҳӣ, бар душман зафар наёбӣ; то дона парешон накунӣ, хӯша барнагирӣ. Набинӣ, ки ба ранҷе бурдан чӣ роҳат ҳосил кардан?

Имрӯз мо мебинем, ки кӯчаю бозорҳо пур аз ҷавононе шудаанд, ки ба ҳар гуна корҳои матлуб номатлуб, шоистаю ношоиста даст мезананд. Ҷавонони зиёде мактабҳои олиро хатм кардаанд, дипломҳоро дар сандуқ задаанд, вале бо баҳонаи камии маош кору вазифаҳоро тарк кардаанд. Касе намедонад, ки ба чӣ корҳо машғуланд. Ҳатто падарон бехабаранд, ки фарзанди баркамолу соҳиби фарзандонашон куҷоянд. Иддае аз ҷавонон хонашин шудаанд. Падар ҷон мекоҳонад, модар низ ҳамчунин, вале писар парвое надорад.

Имрӯз ҷавонон бояд ватани бобоии худро аз аҷнабиён ҳимоя намоянд, аз пайи ободии он бошанд. Сазовори боварии ҷомеа ба воя расондан ҳунар аст.

Ба қавли Саъдӣ: «Ҳакиме писаронро панд ҳамедод, ки ҷонони падар, ҳунар омӯзед, ки мулку давлати дунё эътимод надорад ва симу зар дар маҳалли хатар аст: ё дузд ба як бор бибарад, ё хоҷа ба тафориқ бихӯрад».

Аммо ҳунар чашмаи зоянда аст ва давлати поянда. Агар ҳунарманд аз давлат биафтад, ғам набошад, ки ҳунар худ давлат аст. Ҳунарманд ҳар ҷо, ки равад, қадр бинад ва дар садр нишинад, ва бе ҳунар луқма чинад ва сахтӣ бинад.

Саъдии бузургвор давлату давлатмандонро низ гӯшрас мекунад, ки ҳунарро дар кишвар ривоҷ диҳанд ва ба қадри ҳунарманд бирасанд, зеро аз ҳунармандӣ «мамлакатро ҷамол биафзояд». Беш аз ин, ташвиқу тарғиб ва дастгирии ҳунармандон боиси рағбати бе ҳунарон мегардад. Саъдӣ мегӯяд: «Ҳунармандонро наку доред, то бе ҳунарон роғиб шаванд ва ҳунар бипарваранд ва фазлу одоб шоеъ гардад, ва мамлакатро ҷамол биафзояд».

Ҳунару ҳунармандон:

— бе ҳунаронро ба шавқ меоваранд;

— фазлу одоб ҷорӣ менамоянд;

— мамлакат мешукуфад, зебо мешавад, тараққӣ мекунад.

Шайх Аттор дар паҳлуи муъҷиботи бадбахтӣ — ҷоҳилӣ, бекасӣ ва нокасӣ — коҳилиро ҳам мегузорад ва таъкид менамояд, ки ҳамин чор чиз осори бадбахтӣ бувад. Агар биандешем, мебинем, ки ин чор чиз он қадар мушкил нест, ки фарзанди инсон онҳоро рафъ накунад. Ҷоҳилӣ, ба ифодаи дигар нодонӣ, бо сабақ омӯхтан аз устод ё дар мактаб рафъ мешавад. Коҳилӣ, яъне танбалӣ ва коргурезӣ, бо азму ирода бартараф мегардад. Ҳунареро меомӯзем, домони кори ҳалолеро мегирем ва бо ҳамин коҳилиро аз худ дур месозем. Бекасӣ низ бо муомилаю муросо, забони ширин ва меҳрубонӣ ҳалшаванда аст.

Даст додаст Худо, коре бикун,
Максабе кун, ёрро ёрӣ бикун…
Андар ин раҳ метарошу мехарош,
То дами охир даме фориғ мабош.

Мешунавӣ, эй писар, «то дами охирин»-и ҳаёт «фориғ мабош», бекор нашин, «метарошу мехарош», яъне ҷаҳду ҷадал кун. Дар ҳамин аст маънии зиндагӣ, дар ҳамин аст обрӯ ва ору номуси одамӣ. Одамро лозим аст, ки ҳунарҳо омӯзад, тамоми умр биҷӯяду биҷӯяд, яъне заҳмат бикашад. Вақте меҷӯӣ ва дар кору заҳмат коҳилӣ зоҳир намекунӣ, ҳатман ба мақсад мерасӣ, чизе меёбӣ:

Оқибат ҷӯянда ёбанда бувад,
Чунки дар хидмат шитобанда бувад.

Вақте ки одам заҳмат мекашад, ба амале машғул мешавад, маззаи корро мечашад, дасташ обила мекунад, ӯ ба қадри меҳнати дигарон мерасад.

Марди ҳунарманд дар ҳеҷ кишвар, ҳатто агар дур аз ватан дар ғарибӣ афтад ҳам, азоб намекашад. Дар ҳама ҷо ӯ сарфарозу сарбаланд аст ва миннат аз касе намекашад.

Марди ҳунарманд ошиқ аст — ошиқи асбобу анҷом, ошиқи зарру зевар, ошиқи кӯза ва нақшу нигорҳо, ошиқи бофтаю суфтаҳо, дӯхтаю навиштаҳо, ошиқи қаламу қаламдонҳо, кулчаю чапотиҳо, косаю табақҳо. «Ҳунарманде, ки ошиқ набошад, — мегӯяд Муҳаммад Ҳиҷозӣ, — чароғе аст, ки бе равған месӯзад». Аз дасти ҳунарманди ошиқ асбобу анҷом ва чизу чораҳое мебарояд, ки зебост, дилкаш аст, ҳусну таровat, рангу бӯй, зебу зиннат дорад. Аз чизҳои сохтаи ҳунарманд ҳам мардум розист ва ҳам худи ӯ. Вой бар ҳоли ҳунарманде, ки аз натиҷаи меҳнаташ розӣ набошад. «Ториктарин ғами ҳунарманд вақте аст, ки аз ҳунари худ розӣ набошад».

Барои ҳунарманд макон муҳим нест. Хоҳ дар шаҳр бошад, хоҳ дар деҳ, ӯ масолеҳашро меёбад ва корашро идома медиҳад. 70–80 сол пеш, яъне то солҳои 30-и асри бист, қариб дар ҳамаи деҳаҳои мо ҳунару ҳунармандӣ пеш рафта буд. Мардум ҳунарҳои волои бобоиро тадриҷан фаромӯш карданд.

Шукри Худо, имрӯз ҳама эҳё мешавад ва ҳунар маҷрои пештараашро меёбад. Дар хусуси он ки то солҳои 20–30 то чӣ андоза ҳунар дар деҳоти мо ривоҷ дошт, мисоле меорем аз ёддоштҳои устод Мирзо Турсунзода: «Деҳаи мо аз қадим бо ҳунармандони гулдасти худ шуҳрат дошт. Дар ин ҷо махсусан кирмакпарварӣ, чармгарӣ ва кулолӣ равнақ ёфта буд… Падарам дуредгарӣ мекард ва монанди дигар косибон қути лоямути хонаводаашро базӯр меёфт. Ба ҳар ҳол, меёфт ва мухтоҷ ба касе набуд. Мухтоҷ набуд, зеро косиб буд, ҳунарманд буд».

Барои соҳиби касбу ҳунар шудан ирода, азм ва ҷидду ҷаҳд мебояд. Ҳар гуна заҳмату саъю кӯшиш, ки ҳадафаш ба даст овардани луқмаи ҳалол аст, осон нест. Луқмаи ҳалол, хоҳ тар бошаду хоҳ хушк, роҳати ҷон аст. Барои он ҳалол аст, ки бо заҳмату кор, обилаи кафи даст ва резондани арақи ҷабин ба даст меояд.

Мақоларо бо ин абёти пандомези Абулқосим Лоҳутӣ ҷамъбаст менамоем:

Бе заҳмату кор нон намебояд хӯрд,
Як луқма ба ройгон намебояд хӯрд.
Ноне, ки бувад ҳосили ранҷи дигарон,
Гар ҷон биравад, аз он намебояд хӯрд.

# ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ТАҲДИД БА АСОСҲОИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

**Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва печидатар гардидани равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ масъалаи муқовимат ба терроризм ва экстремизм ба яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатҳо табдил ёфтааст.**

Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд: «Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст». Ин андеша бозгӯи он аст, ки терроризм ва ифротгароӣ на танҳо мушкили як давлат, балки таҳдиди фаромиллӣ буда, амнияти глобалиро халалдор месозанд. Аз ин рӯ, таҳлили моҳияти ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ин падидаҳо ва муайян намудани роҳҳои муассири пешгирӣ ва муқовимат ба онҳо аҳамияти махсуси назариявӣ ва амалӣ дорад.

Терроризм ва экстремизм ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷомеаи муосир дар натиҷаи омилҳои гуногуни сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва идеологӣ ба вуҷуд меоянд. Истилоҳи «терроризм» аз калимаи лотинии «terror» гирифта шуда, маъноаш тарс ва ваҳм мебошад. Аз нигоҳи ҳуқуқӣ терроризм ҳамчун мафкураи зӯроварӣ ва амалияи таъсиррасонӣ ба қабули қарорҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ тавассути тарсонидани аҳолӣ ё дигар шаклҳои зӯроварии ғайриқонунӣ маънидод мегардад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо терроризм» аз 23 декабри соли 2021 таҳти №1808, ин мафҳумро ба таври мушаххас муайян намуда, доираи амалҳои дорои хусусияти террористиро дақиқ танзим менамояд.

Мувофиқи меъёрҳои қонунгузорӣ, амали террористӣ метавонад дар шакли таркиш, сӯхтор, тирпаронӣ, гаравгонгирӣ, одамрабоӣ, сӯиқасд ба ҳаёти арбобони давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ғасби иншооти давлатӣ, истифодаи моводи радиоактивӣ, химиявӣ, биологӣ ва дигар воситаҳои хавфнок зоҳир гардад. Ҳадафи асосии чунин амалҳо халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тағйири сохти конститутсионӣ, ғасби ҳокимият ва барангехтани низоъҳои миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ мебошад. Ин амалҳо ба пояҳои давлатдории миллӣ зарбаи ҷиддӣ расонида, суботу оромии ҷомеаро зери хатар мегузоранд.

Экстремизм бошад, ҳамчун тамоюли ифротӣ дар афкор ва рафтор, ки радикализми сиёсӣ, динӣ ё миллӣ-этникиро тарғиб менамояд, метавонад заминаи идеологӣ барои терроризм гардад. Ташкилотҳои экстремистӣ аксаран аз эътиқоди динии шаҳрвандон сӯиистифода намуда, бо таҳрифи арзишҳои аслии динӣ ҷавононро ба гурӯҳҳои тундрав ҷалб месозанд. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки сиёсати давлатҳои дунявиро ҳамчун мухолифи арзишҳои динӣ муаррифӣ карда, бо роҳи таблиғоти ғаразнок афкори ҷомеаро заҳролуд намоянд. Дар ҳоле ки дини мубини Ислом, ки бар пояи инсондӯстӣ, адолат ва таҳаммулпазирӣ асос ёфтааст, ҳама гуна зӯроварӣ ва кушторро маҳкум менамояд.

*(Идома дар саҳ. 16)*

# БОРБАД ЧЕҲРАИ ТОБНОКИ ФАРҲАНГИ ХАЛҚИ ТОҶИК

**(Дар партави пешниҳоди навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ворид намудани номи Борбади Марвазӣ ба Феҳристи шахсиятҳои барҷастаи фарҳангии ЮНЕСКО)**

*(Аввалаш дар саҳ. 12)*

5. Бо гузашти бештар аз 1440 сол ҳамин ҷанбаи ваҳдатофарии эҷодиёти Борбад аҳамияти хешро гум накардааст. Ногуфта намонад, ки дар ин марҳилаи таърихӣ ҳамеша мардумони огаҳ ба Борбад ва мазмуну муҳтавои эҷодиёти ӯ таваҷҷуҳ дошта баҳраҳо бардоштаанд. Дар замони мо низ, ки бархӯрди тамаддунҳо бештар ба назар мерасад, шинохти бештари Борбад барин афрод ҳамеша ба нафъи инсоният дониста мешавад;

6. Дақиқ аст, ки ин ташаббус барои оимон як навъ ҳушдорест бахри таҳқиқотҳои тоза дар самти таърихи мусиқӣ ва саҳми Борбади Марвазӣ дар рушди соҳа. Ҳанӯз ҳам аз лиҳози таърихӣ ҷойгоҳи Борбад пурра ва дақиқ омӯхта нашудааст. Аз ин лиҳоз, эҳтимоли зиёд аст, ки атрофи Борбад аз ҷониби мутахасисони дохилию хориҷӣ пажуҳишҳои доманадор ва дақиқ анҷом меёбад;

7. Дар шароити муосир, бо ба назар гирифтани пажуҳишҳои тозаи илмӣ дар самти борбадшиносӣ метавон боз дар мусиқии суннатӣ ва дигар жанрҳои мусиқӣ равишҳои тозаеро ворид сохт ва ба ин васила пайванди дирӯзу имрӯз таҳким ёфта хазинаи таърихии мусиқӣ боз ҳам бойтар мегардад. Дар натиҷа ин раванд метавонад дар таҳкими хотираи таърихӣ ва завқи бадеии миллии ҷомеа таъсири мусбӣ гузорад ва ғайра.

Гузашта аз ин, иқдоми мазкур барои нигаҳдорӣ ва муаррифии таърихи миллат нақши муайяне гузошта метавонад. Пас аз ба истиқлолият расидани тоҷикон масъалаи мавриди назар бештар аҳаммият пайдо намуд. Зеро барои ҳар халқ яке аз василаҳои асосии таҳкими пояҳои истиқлолият, ваҳдат ва дигар муқаддасоти миллӣ маҳз таҳкими худшиносии миллӣ ва эҳсоси баланди ватандӯстӣ ба шумор меравад. Аммо худшиносию ватандӯстӣ бе таҳкими хотираи таърихӣ ба вуҷуд омада наметавонад. Аз ин рӯ, пас аз пошхӯрии ИҶШС ва соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон чунин зарурият пеш омад. Муҳиммияти ин нуктаро бори аввал Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарк намуданд. Роҳбари давлат дақиқ намуданд, ки яке аз сабабҳои асосии бақои давлату миллат ҳамин эҳёи хотираи таърихӣ буда, ин омили наҷоти миллат дар ҳама давру замонҳо шуда метавонад. Дар сурати заиф шудани он фарҳанги бегона дар мафкураи ҷомеа ворид мешавад ва дар ин сурат миллат муқобили таъриху фарҳанги хеш баромад мекунад. Ба навиштаи Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Миллате, ки хотираи таърихӣ ва ҳувияти миллиашро пос намедорад, хоҳу ноҳоҳ гирифтори сарнавишти талху фоҷиабор гашта, ҳатто пойдории давлат ва истиқлолияти миллиашро зери хатар мегузорад».

Ба назари Пешвои миллат яке аз сабабҳои асосии ба ҷанги таҳмилии шаҳрванди роҳ додан ҳамин заифии сатҳи худшиносии миллии ҷомеа буд. Маҳз ҳамин дур шудан аз асолати миллӣ ва хароб гардидани тафаккури миллӣ боис ба он шуд, ки душманони халқи мо моро зидди ҳам намуда, бо таблиғи фарҳанги бегона дар роҳи давлатсозӣ ва давлатдории мо, талош намуданд монеаҳо эҷод кунанд.

Ба ғайр аз ин, падидаи номатлуби дигаре, ки дар ҳамин давра авҷ гирифт, ин таҳрифи таърих ва таърихдуздии доираҳои муайяни хориҷӣ буд. Эшон аз вазъи бухроние, ки дар Тоҷикистон пеш омада буд ва аз фориғболии мо истифода намуда мехостанд аз таърихи мо барои худ таърих созанд. Дар он айём ба навиштаи донишманди тоҷик Акбар Турсун «... кор то таърихорой, таърихсозӣ ва ҳатто таърихдуздӣ мерасад». Агарчӣ ин амал ҳанӯз дар замони шуравӣ ҳам каму беш вуҷуд дошт, аммо дар замони нав равнақ пайдо намуд ва то ҳанӯз ингуна даъвоҳо эҳсос мешавад.

Бо назардошти ҳамаи ин Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҳамон солҳои аввали ба ҳайси роҳбари давлати тоҷикон интихоб шуданаш ба масъалаи эҳёи арзишҳои таърихию фарҳангии миллат ва тақвияти хотираи таърихии халқ таваҷҷуҳи хосае зоҳир намуд. Таҷлили солгарди шаҳрҳои бостонӣ, чеҳраҳои намоёни таърихӣ, эҳёи ҷашну суннатҳои ниёгон, нашри асарҳои таърихию бадеӣ ва динию мазҳабӣ, туҳфа намудани чунин асарҳо ба мардум, баргузории як қатор озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва ғайра, гувоҳи гуфтаҳои боло мебошанд.

Дар бештари суханрониҳои Сарвари давлат ҳам ин нукта борҳо таъкид мешавад, ки мо бояд ба таъриху фарҳанги миллии хеш бештар таваҷҷуҳ дошта бошем ва дар заминаи он тарбияи насли навро ба роҳ монем. Дар Паёми охир боз ба масъали зери таваҷҷуҳи мо диққат дода муҳиммияти онро бо далелҳои раднопазир баён дошта, аз ҷумла қайд намуданд: «Бедор намудани хотираи таърихӣ дар таҳкими ҳисси миллии шаҳрвандон, махсусан, ҷавонон, киояндаи миллат ва давлат мебошанд, нақши бисёр муҳим дорад».

Ҷиҳати ба Феҳристи шахсиятҳои барҷастаи фарҳангии ЮНЕСКО ворид намудани номи Борбад идомаи мантиқии чунин силсилаи иқдомҳои Сарвари давлат мебошад. Шинохти бештари чунин чеҳраҳо воқеан дар замони мо як амри зарурист. Имрӯз мо бояд талош намоем, ки ҷомеаи хешро, ба хусус насли наврасу ҷавонро дар ҳамин руҳия тарбия намуда, дар оянда ба ин васила дар таҳкими ваҳдати миллӣ саҳм гузорем.

# ПОСЛАНИЕ ПРЕЗИДЕНТА – ИСТОЧНИК БОЛЬШИХ НАДЕЖД К ДАЛЬНЕЙЩЕЙ ЖИЗНИ ЦЕЛОЙ СТРАНЫ

**(В свете Послания Президента Республики Таджикистан от 16.12.2025)**

**Когда мы говорим о внешней политике Таджикистана последних лет, главной темой неизменно становится вода. Но в 2024 и 2025 годах риторика Лидера нации Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона приобрела особую остроту. Ледники перестали быть просто «красивым фоном» на фотографиях Памира — они официально стали центром глобальной дипломатии Душанбе. Весь 2024 год прошел под знаком подготовки к «большому ледниковому году». Выступая на международных площадках, Президент не просто призывал к сотрудничеству, он буквально оперировал цифрами, которые заставляют задуматься. Одной из самых цитируемых стала его фраза о масштабах потерь: «За последние десятилетия из 14 тысяч ледников нашей страны более 1300 исчезли полностью. Этот процесс не имеет аналогов в истории человечества и требует немедленных, консолидированных действий».**



**Бобоева Зебоджон Субхоновна,
к.п.н., доцент кафедры анатомии и физиологии факультета биологии**

В своем Послании 2024 года Лидер нации Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмон четко обозначил: таяние ледников — это не локальная беда Таджикистана. Это угроза энергетической безопасности (ведь наши ГЭС питаются этой водой) и продовольственный кризис для всей Центральной Азии.

2025 год стал для Таджикистана триумфальным. Впервые мир отметил 21 марта как Всемирный день ледников. В своем выступлении на майской конференции в Душанбе Эмомали Рахмон произнес слова, которые стали лейтмотивом года: «Смерть ледника — это не просто потеря льда. Это смертельный удар по нашим экосистемам, экономикам и самой социальной ткани нашего общества. Каждая капля, потерянная ледником сегодня, — это угроза для будущего человечества завтра».

Президент сделал акцент на том, что Таджикистан больше не хочет быть просто наблюдателем. В 2025 году по инициативе страны начал работу Международный трастовый фонд по сохранению ледников. Глава государства подчеркнул, что мир должен вкладывать деньги в науку, а не только в ликвидацию последствий наводнений. В свежем Послании (декабрь 2025 года) Эмомали Рахмон подвел итоги этого исторического этапа. Он с гордостью отметил, что инициатива Таджикистана была поддержана Францией и привела к объявлению 2025–2034 годов Десятилетием действий в области криосферных наук. Для обычного гражданина это означает не только престиж страны на арене ООН. Президент прямо указал: «Наша цель — превратить Таджикистан в "зеленую страну". Сохранение ледников неразрывно связано с развитием экологически чистой энергии, которую мы будем экспортировать соседям, помогая всему региону снизить выбросы».

Особое внимание стоит уделить «водонапорным башням» мира — горным ледникам. Для нас, жителей Евразии, одним из самых важных является ледник Федченко (или, как его называют в Таджикистане, Ванджях). Это настоящий памятник природы на Памире, самый длинный ледник в мире за пределами полярных кругов. Представьте себе ледяную реку длиной в 77 километров с толщиной льда до километра! Это колоссальный запас пресной воды. Ледник Федченко — это сердце, которое питает Амударью и дает жизнь миллионам людей в Центральной Азии. От него зависит всё: от питьевой воды в кранах до урожаев на полях Таджикистана, Узбекистана и Туркменистана. Но даже такой великан сегодня «худеет». За последние десятилетия он потерял миллиарды тонн льда. Если такие гиганты исчезнут, регионы, которые веками жили за счет талых вод, могут столкнуться с жесточайшей засухой и нехваткой ресурсов.

Мы должны понимать, что ледники — это наше общее наследие. Переход на чистую энергию и бережное отношение к экологии — это способ сохранить ту хрупкую систему, которая позволяет нам жить. Если мы позволим ледяным рекам окончательно исчезнуть, мир уже никогда не будет прежним.

# ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ТАҲДИД БА АСОСҲОИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ



Мизробов Умедҷон, лаборанти кафедари забони русӣ ва адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ

*(Аввалаш дар саҳ. 14)*

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 1 давлатро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон намудааст. Ин меъёрҳо ҳамчун пояҳои тағйирнопазири сохтори конститутсионӣ эътироф гардидаанд. Аз ин лиҳоз, ҳар гуна кӯшиши бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти давлатӣ ё халалдор намудани тамомияти арзӣ ҳамчун ҷинояти вазнин арзёбӣ мегардад. Қонунгузории ҷиноятии кишвар, аз ҷумла моддаи 179 ва моддаҳои 179 (1)-179 (3) Кодекси ҷиноятӣ, барои содир намудани ҷиноятҳои террористӣ ҷавобгарии сахт муқаррар намудааст.

Бо дарназардошти таҷрибаи талхи ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997, ки барои халқи Тоҷикистон талафоти ҷонӣ ва моддии бузург ба бор овард, масъалаи таъмини амнияти миллӣ барои давлат аҳамияти ҳаётан муҳим касб намуд. Он рӯйдодҳо собит сохтанд, ки ифротгароӣ ва таассуби сиёсиву динӣ метавонанд ҷомеаро ба вартаи фоҷиа кашанд. Аз ин рӯ, давлат сиёсати пешгирикунандаро ҳамчун самти афзалиятнок интихоб намуда, стратегия ва барномаҳои мушаххасро қабул кардааст.

Дар ин замина, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021–2025 тасдиқ гардида, Нақшаи амал оид ба амалисозии он роҳандозӣ шудааст. Ҳадафи асосии ин ҳуҷҷат таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ, тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва пешгирии ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ мебошад. Зеро ҷавонон ҳамчун қишри фаъол ва осебпазири ҷомеа бештар мавриди таъсири таблиғоти экстремистӣ қарор мегиранд.

Субъектҳои бевоситаи муқовимат ба терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Прокуратураи генералӣ, Вазорати мудофиа, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Агентии назорати маводи нашъаовар, Гвардияи миллӣ ва дигар мақомоти дахлдор мебошанд. Ҳамзамон, Вазорати адлия, Вазорати корҳои хориҷӣ, Хадамоти гумрук, Хадамоти алоқа ва Бонки миллӣ дар доираи ваколатҳои худ дар пешгирӣ ва қатъи фаъолияти террористӣ саҳм мегузоранд. Ин ҳамоҳангсозии сохторҳо нишон медиҳад, ки мубориза бар зидди терроризм вазифаи умумимиллӣ буда, иштироки тамоми ниҳодҳоро талаб менамояд.

Дар баробари тадбирҳои ҳуқуқӣ ва қудратӣ, чораҳои маърифатӣ ва тарбиявӣ низ аҳамияти калидӣ доранд. Баланд бардоштани сатҳи маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои миллӣ, эҳтиром ба қонун, таҳкими худшиносии миллӣ ва ҳисси ватандӯстӣ метавонанд ҳамчун сипари боэътимод дар муқобили идеологияи ифротгароӣ хизмат намоянд. Муассисаҳои таълимӣ, воситаҳои ахбори омма ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд дар ин самт фаъолона саҳмгузор бошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви фаъоли созмонҳои байналмилалӣ дар муборизаи дастаҷамъона бар зидди терроризм иштирок менамояд. Ҳамкориҳои байналмилалӣ, мубодилаи иттилоот, баргузории машқҳои муштарак ва татбиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ имконият медиҳанд, ки таҳдидҳои фаромиллиро самаранoктар пешгирӣ намоем. Зеро терроризм марз намешиносад ва танҳо бо ҳамкории зичи давлатҳо метавон онро маҳдуд кард.

Ҳамин тавр, терроризм ва экстремизм ҳамчун таҳдиди ҷиддӣ ба амнияти миллӣ ва байналмилалӣ арзёбӣ гардида, мубориза бар зидди онҳо сиёсати устувор, ҳамоҳангшуда ва дарозмуддатро тақозо менамояд. Таҷрибаи таърихии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки сулҳу ваҳдат арзиши олӣ буда, ҳифзи он масъулияти ҳар як шаҳрванд аст. Танҳо дар сурати таҳкими давлатдории ҳуқуқбунёд, баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ метавон пояҳои сулҳу суботро устувор нигоҳ дошт. Аз ин рӯ, ҳар як фарди ҷомеа бояд бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ, зиракии сиёсӣ ва садоқат ба Ватан дар роҳи муқовимат ба ҳама гуна зуҳуроти ифротгароӣ саҳмгузор бошад, то ки Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун давлати сулҳпарвару амн барои наслҳои оянда боқӣ монад.

# ТОЗАНАШР

**Ба тозагӣ китоби «Таърихи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон. Роҳнамои таълимӣ-методӣ барои донишҷӯ» аз ҷониби ҳайати муаллифон — доктори илмҳои таърих, профессор Малика Зикриёева, доктори илмҳои таърих, профессор Аҳлиддин Ибодуллозода, номзади илмҳои таърих, дотсент Низора Хуҷасаидова, номзади илмҳои таърих, дотсент Назримуҳаммад Муродзода ва номзади илмҳои таърих, дотсент Ғайратшо Азаматзода ба нашр расид.**

Дастури мазкур ҳамчун роҳнамои таълимӣ-методӣ барои донишҷӯён таҳия гардида, як асари мукаммал, замонавӣ ва фарогир дар самти омӯзиши фанни таърихи даврaи истиқлол ва ташкили фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён ба шумор меравад. Китоб зери назари Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети таърих ва кафедраи таърихи халқи тоҷик омода гардида, бо қарори Шурои илмӣ-методӣ ба чоп тавсия шудааст.

Роҳнамо на танҳо мазмуну муҳтавои фанни «Таърихи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон»-ро фаро мегирад, балки усулҳои самараноки омӯзиш, ташкили кори мустақилона, таҳияи корҳои илмӣ ва омодагӣ ба ҳимояи рисолаи хатмро низ ба таври низоммандд ва илмӣ баррасӣ менамояд.

Дар шароити муосир, ки таҳсилоти олӣ




ба самти ташаккули тафаккури интиқодӣ, малакаҳои таҳлилӣ ва қобилияти таҳқиқотии донишҷӯён равона гардидааст, ниёз ба чунин дастури методӣ беш аз пеш эҳсос мегардад. Муаллифон бо такя ба таҷрибаи бисёрсолаи омӯзгорӣ ва таҳқиқотӣ низоми ягонаи методиро пешниҳод намудаанд, ки донишҷӯро аз марҳилаи шиносоӣ бо фан то таҳияи кори хатм ва ҳимояи оммавии он раҳнамун месозад.

# НАШРИ КИТОБИ НАВ ДАР СОҲАИ ПСИХОЛОГИЯ ВА ТАРБИЯИ ОИЛАВӢ

**Кафедраи умумидонишгоҳии психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар доираи ҳамкориҳои илмӣ бо Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон китоби наверо таҳти унвони «Оиладорӣ ҳам одоб аст» ба табъ расонид.**

Китоби мазкур барои омӯзгорон, роҳбарони синф ва дигар мутахассисони соҳаи маориф пешбинӣ гардида, ба масъалаҳои ташаккули фарҳанги оиладорӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва омодасозии ҷавонон ба ҳаёти мустақили оилавӣ бахшида шудааст.

Ҳадафи асосии нашр баланд бардоштани сатҳи маърифати оиладорӣ дар миёни ҷавонон ва мусоидат ба ташаккули арзишҳои устувори ахлоқиву иҷтимоӣ мебошад. Муаллифон: доктори илмҳои педагогӣ, профессор Х. Раҳимзода, н.и.п. Т. Олимзода, н.и.п. Ш. Тоҳириён масъалаҳои муҳимми равонӣ-педагогиро бо такя ба таҷрибаи илмӣ ва ниёзҳои муосири ҷомеа баррасӣ намудаанд.




Ин иқдом ҳамчун натиҷаи ҳамкориҳои судманди илмӣ арзёбӣ гардида, метавонад дар такмили корҳои тарбиявӣ ва омодасозии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ саҳми назаррас гузорад.



ОМӮЗГОРИ ҶАВОН

САРМУҲАРРИР:
КЕНҶАЗОД ФАРИДУН

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
ИБОДУЛЛОЗОДА АҲЛИДДИН
АЙНУЛОЗОДА НАҲТУЛЛО
РАҶАБЗОДА СИРОҶИДДИН
ХОҶАЗОД САИДМУРОД
МАҲКАМОВ МАҲМАДҶОН

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Суроғаи мо: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.

Нашрия дар чопхонаи «Мега-Принт» ба табъ расидааст.

Телефон: 224-55-06

Нашрия таҳти рақами 495 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст.

Нашрия ба хотири риояи чандандешӣ матлаберо низ нашр мекунад, ки ба муҳтавои он мувофиқ нест.
Мазмун, мундариҷа ва аслияти мақолаҳо ба души муаллифон мебошад.

Шакли электронии "Омӯзгори ҷавон" дар сомонаи расмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, инчунин дар саҳифаҳои расмии донишгоҳ ва нашрия дар шабакаи иҷтимоии "Фейсбук" ҷойгир карда мешавад.